Пардохти андоз - бахои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу ХИРОҶ

№14 (1163)

Панҷшанбе,
4 апрели соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Гузоришҳо аз сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Суғд**

с.2-5

# Бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ



Ду-рустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон, ҳолати бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ

ХИЗМАТРАСОНӢ

## Интиқоли электронии маълумот

Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ширкатҳое, ки ба таҳвил ва фурӯши сӯзишворӣ машғуланд



с. 11

КОРҲОИ МАЪРИФАТӢ

### ТАДҚИҚОТ ДАР КУРСҲОИ КӮТОҲМУДДАТ ВА БЕҲСОЗИИ СИФАТИ ФАЪОЛИЯТ

Тадқиқот, таҳлил ва омӯзишҳо бахри дақиқ кардани норасоиҳо ва дарёфти роҳҳои ҳадиди корӣ

с. 8

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

### ҲАДАФ – ИҶРОИ УҲДАДОРИҲО

Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо соҳибкорони бозорҳо

с. 8

ИСЛОҲОТ

### ЧОРАИ ТАЪСИРРАСОН

Тартиби дурусти бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ

с. 9

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

### ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТ

Ҳадаф - расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор

с. 10

**Цукерберг призвал к госрегулированию интернета**

с. 7

# Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 март таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст "Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020" ҳисоботи Вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки мақсади таҳия кардани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани супоришу тадбирҳо вобаста ба ҳалли масъалаҳои омодагии соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020 мебошад. Ҷиҳати ҳамоҳангсозии корҳо дар ин самт ситоди ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки барои дар сатҳи хуби ташкилӣ гузаронидани давраи тирамоҳу зимистон аз имрӯз омодагии ҷиддӣ бинанд ва ҷиҳати татбиқи нишондодҳои лоиҳа тадбирҳои амалӣ андешанд.

Сипас, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" гузориши Вазири молияи ҷумҳурӣ Файзиддин Қаҳҳорзода, Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов" гузориши Вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода, Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда" гузориши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода ва дар бораи Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 гузориши Вазири саноат ва технологияҳои нав Заробиддин Файзуллозода шунида шуд.

Дар кори маҷлис ҳамчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" баррасӣ шуд.

Лоиҳаҳои қонунҳои муҳокимашуда ва хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чарогоҳ" барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар анҷоми кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон барои иҷрои саривақтии масъалаҳои дар маҷлис баррасишуда ва ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани маъракаи зимистон, захираи кофии маводи сухту озуқа, омодагии иншооти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар фасли сармо, вусъати корҳои саҳроӣ, идомаи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои мушаххас доданд.

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи маркази ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ дар шаҳри Хуҷанд



**Фарзандони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли дуюм аст, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Фармони Президент ва Нақшаи чорабиниҳои тасдиқнамудаи Ҳукумати мамлакат дар бораи ҷашни 30–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳлона заҳмат кашида, барои бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирифтани ин санаи бузурги таърихӣ раванди ободониву бунёдкориро вусъат бахшида истодаанд.

Мехоҳам таъкид намоям, ки таҷлили сазовори ин ҷашни муборакӣ миллӣ барои густариши ҳисси ватандорӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳанги миллат, таҳкими ваҳдату ягонагӣ миёни сокинони мамлакат ва ободиву пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ниҳоят муҳим мебошад.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои зикршуда дар вилояти Суғд ба истиқболи сисолагии Истиқлолияти давлатӣ сохтмону азнавбарқароркунӣ ва таъмиру тармими 6500 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорон ва дигар шахсони саховатманд беш аз 2200 иншооти таъйиноти гуногун бунёду азнавсозӣ ва ба истифода супорида шудааст.

Дар байни онҳо иншооти варзиш, қасру марказҳо ва дигар муассисаҳои марбут ба фаъолияти ҷавонон ҷойгоҳи хосса доранд, ки бешубҳа, ба рангоранг гардидани ҳаёти ин қишри ҷомеа, обутоби ҷисмонӣ ва рушди маънавии онҳо мусоидат мекунанд.

Маркази ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ дар шаҳри Хуҷанд, ки барои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву маърифатӣ пешбинӣ гардидааст, намунаи заҳмати мардуми вилоят ва талоши фарзандони ҳимматбаланди шаҳри Хуҷанди бостонӣ мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ба фаъолият оғоз кардани онро ба ҷавонони вилоят табрик мегӯям ва ба муҳандисону бунёдкорон ва ҳамаи шахсоне, ки барои азнавсозии ин бинои зебо, инчунин, ободии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он саҳм мегузоранд, миннатдории самимӣ иброз менамоям.

Маркази ҷавонон, ки мо ҳоло мавриди истифода қарор додем, ҳанӯз соли 1975 ҳамчун кинотеатр таъсис ёфта, соли 1999 ба маркази ҷавонон табдил дода шуда буд.

Табиист, ки бо гузашти чандин даҳсола бинои марказ кӯҳнаву фарсуда шуда, зарурати азнавсозиву ба талаботи муосир ҷавобгӯ гардонидани он пеш омада буд.

Баъди азнавсозӣ бинои муассиса ба талаботи меъёрҳои замонавӣ мутобиқ гардонида, дар он беҳтарин шароиту имкониятҳо барои ҷавонон муҳайё карда шудаанд.

Дар маркази имрӯза бо мақсади ҷалби ҷавонон ба омӯзиши касбу ҳунар ва забономӯзӣ маҳфилҳои гуногун, курсҳои азхудкунии технологияҳои муосир ва забонҳои русиву англисӣ фаъолият мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар чунин марказу муассисаҳо ташкил намудани маҳфилҳо вобаста ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ба касбомӯзии ҷавонон ва рушди онҳо мусоидат мекунад. Зеро ҳунарҳои мардумӣ воситаи беҳтарини муаррифии мероси моддӣ, урфу одат ва таърихи халқи куҳанбунёди тоҷик ба ҳисоб рафта, ба роҳ мондани чунин корҳо, хусусан, дар доираи иқдомоти "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" бисёр муҳим мебошад.

Мо бояд анъанаҳои миллӣ, мероси бойи маънавию фарҳангии халқамонро ба хотири рушди ҳарчи бештари маънавиёти ҷомеа, махсусан, наврасону ҷавонон васеъ ва самаранок истифода намоем.

Тавре ки ман борҳо гуфтаам, Тоҷикистон кишвари ҷавонон мебошад ва имрӯз қисми зиёди неруи зеҳнии онро дар тамоми соҳаҳо ҷавонон ташкил медиҳанд.

Натиҷаи фаъолияти онҳо дар раванди бунёдкориву созандагии Ватани азизамон равшан эҳсос мегардад.

Дар баробари ин, зарур аст, ки бо дарназардошти шароити бисёр мураккаби ҷаҳони муосир ҷавонони мо дар мубориза бар зидди ҳар гуна андешаву афкори зарарноку хатарбори гурӯҳҳои ба суботи ҷомеа таъсиргузор муттаҳид гардида, манфиатҳои халқу миллат ва Тоҷикистони соҳибистиқлоламонро ҳифз намоянд.

Дар ин самт, зарур аст, ки ҷавонон дар зери парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, худогоҳии миллӣ, гиромидошти арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва ба хотири ҳимояи дастовардҳои он муттаҳиду сарҷамъ бошанд.

Дар робита ба ин ва бо дарназардошти он ки марказҳои ҷавонон на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мавҷуданд, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки дар се соли оянда дар заминаи нақшаҳои қабулшудаи ободонӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо ҷалби соҳибкорону шахсони саховатпеша доир ба ҳалли ин масъала чораҷӯӣ намоянд.

Зеро барои давлати соҳибистиқлоли мо яке аз ҳадафҳои муҳимтарин фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати ба таълиму тарбия фаро гирифтани насли наврас, дар қалбу шуури онҳо бедор кардани шавқу рағбати илмомӯзӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ҳамчун шахсони сазовори оянда ба камол расонидани онҳо, ба тарзи ҳаёти солим ҷалб намудани ҳамаи табақаҳои ҷомеа, пеш аз ҳама, наврасону ҷавонон, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва пешгирӣ кардани шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои муҳайё кардани шароити муосир барои наврасону ҷавонон ва ба талаботи замони пешрафта мутобиқ гардонидани инфрасохтори муассисаҳои соҳаи кор бо ҷавонон минбаъд низ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ месозад.

Дар раванди пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон, ҳамчунин, зарур аст, ки усулҳои боз ҳам муассири ҳамкориро тақвият бахшида, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо ташкилоту созмонҳои ҷавонон мустаҳкам карда, ҷавонон ба корҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ ҳарчи бештар ҷалб карда шаванд, зеро чунин тарзи кор имконият медиҳад, ки пешниҳодоти ҷавонон ҳарчи бештар дастгирӣ ёбанд, мушкилоти мавҷудаи онҳо сари вақт баррасӣ гардида, роҳу усулҳои фаъолияти минбаъдаи ҷавонон боз ҳам дақиқу мушаххас гарданд.

Итминони комил дорам, ки шумо, ҷавонони азиз, чун насли ояндасоз вазифаю масъулияти худро дар назди ҷомеа ва давлат хуб дарк намуда, бо омӯхтани илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ дарояндаи наздик чун мутахассисони соҳибмаълумоту соҳибистеъдод, номбардорони давлату миллат ва ҳомиёни воқеии сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ кору зиндагӣ хоҳед кард.

Бори дигар ба фаъолият оғоз кардани маркази ҷавонони ба номи Лоиқ Шералиро ба ҳар яки шумо табрик гуфта, бароятон дар амалӣ шудани мақсадҳои наҷибу олиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша тансиҳату сарбаланд бошед, ҷавонони азиз!**

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кӯдакони ятим дар шаҳри Хуҷанд

**Фарзандони азиз ва ҳозирини арҷманд!**

Мулоқоти мову шумо дар рӯзҳои оғози фасли зебои баҳор сурат мегирад. Бинобар ин, ҳамаи шумо, фарзандони азиз, устодони арҷманд ва ҳозирини гиромиро бо фарорасии баҳор ва ҷашни фархундаи миллиамон — Наврӯз табрик мегӯям.

Итминон дорам, ки ҳар яки шумо, фарзандони азиз ба туфайли ғамхориҳои давлат ва Ҳукумати мамлакат ҳамчун насли шоиста ба воя мерасед ва дар оянда ба ҳайси мутахассисони кордону боистеъдод дар ободиву пешрафти Ватани азизамон саҳми фарзандии худро мегузоред.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқи кӯдакону наврасон ва ғамхориро дар ҳаққи онҳо аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба ин масъала қабул намуда, сохтори махсуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, фаъолияти бахш ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакро дар сохторҳои марказиву маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба роҳ мондааст.

Алҳол дар кишварамон 71 ҳазор нафар ятимон, аз ҷумла дар вилояти Суғд 467 нафар ятимони кулл зиндагӣ мекунанд, ки ҳамаи онҳо тахти ғамхории давлат қарор доранд.

Имрӯз дар қаламрави мамлакат даҳҳо мактаб-интернат фаъолият дорад, ки дар онҳо кӯдакони ятиму бепарастор ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, таъминоти онҳо пурра аз ҳисоби буҷети давлат роҳандозӣ гардидааст.

Тавре ки дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид гардид, мо дар оянда низ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал, ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадоронро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини худ мешуморем.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба роҳ мондани фаъолияти васеи муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактаб-интернатҳо ва хона-интернатҳо бо мақсади фаро гирифтани кӯдакони наврасоне, ки бо амри тақдир бесаробон мондаанд ё имконияти маҳдуди ҷисмонӣ доранд, имконият фароҳам овард, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ ба ин қишри ҷомеа беҳтар гардад.

Худи ҳаёт моро водор месозад, ки нисбат ба ин гуна ашхос бетараф набошем, дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ зоҳир кунем ва барои онҳо дар овони кӯдакиву наврасӣ сатҳи зиндагии шоистаро таъмин намоем, то ки онҳо ҳамчун насли арзандаи Ватан ба камол расанд.

Дар ин маврид як мисол меорам. Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири маъруфи Машриқзамин Мирзо Турсунзода, ки бармаҳал ятим монда буд, ҳамчун тарбиятгирандаи мактаб-интернат тахти ҳимояти давлат қарор дошт.

Тарбияи дурусти устодон ва зеҳни фавқулодаи Мирзо Турсунзода имкон дод, ки ӯ ҳамчун шахси ватанпарвар ва тараннумгари дӯстӣ ба камол расида, Ватани худро чун модар дӯст дорад ва ин эҳсоси самимии худро дар ашъораш васфу ситоиш намояд ва номи Тоҷикистони азизро дар тамоми олам машҳур созад.

Садҳо ва ҳазорон нафар чунин шахсон имрӯз низ дар ҷомеаи мо мавқеи худро пайдо кардаанд ва хизмати халқу Ватанро шарафмандона ба ҷо меоранд, соҳиби нуфузу обрӯ ҳастанд ва барои дигарон намунаи ибрат мебошанд.

Итминон дорам, ки аз байни шумо, фарзандони азиз, дар оянда муҳандисону омӯзгорон, олимону кишоварзон, табибону ходимони фарҳанг ва ҳуқуқшиносони варзида ба камол расида, ифтихори Тоҷикистони озоду соҳибистиқлоламон мегарданд.

**Фарзандони азиз!**

Шумо бояд донед, ки аз ҷумлаи кӯдакони хушбахти замони истиқлолият ҳастед, зеро Ватани озоду обод доред ва давлате доред, ки дар ҳаққи шумо пайваста ғамхорӣ менамояд.

Ҳоло дар чандин кишварҳои сайёра миллионҳо нафар кӯдакони ятиму бепарастор бар асари ҷангу хунрезиҳо азияти рӯҳиву ҷисмонӣ мекашанд ва ҳазорҳо нафар аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд.

Шумо фаромӯш накунед, ки фардои Тоҷикистони маҳбубамон аз саъю кӯшиш ва наслҳои ҳамсинну солатон дар таҳсил, аз худ намудани илму донишҳои муосир, забони модарӣ, забонҳои хориҷӣ ва техникаву технологияҳои ҳозиразамон вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар яки шумо аз ҳоло бо ғайрати дучанд таҳсил намоед, илму дониш омӯзед ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед.

Дар навбати худ, аҳли ҷомеаи мо, бахусус, соҳибкорону шахсони баландҳиммати кишвар дар баробари Ҳукумати мамлакат дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат саҳми арзанда мегузоранд.

Яъне дастгирии ятимону бепарасторон имрӯз ба самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин, дар меҳвари амалҳои наҷибонаи ашхоси ватанпарвару инсондӯсти мамлакат қарор дорад.

Аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти сершумори соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва варзиш далели он аст, ки онҳо баояндаи миллат, насли наврас, аз ҷумла ятимону бепарасторон бетараф нестанд.

Дар арафа ва рӯзҳои иду ҷашнҳои милливу давлатӣ дасти саховат дароз намудан, ятимеро соҳибӣ кардан, қалби шикастаи ранҷуру бепарастореро шод сохтан аз амалҳои ҷавонмардӣ ва вазифаи ҳар як фарди бедордил ба ҳисоб меравад.

Итминон дорам, ки пас аз мулоқоти имрӯза ҳар кадоми шумо бо иштироки фаъолона дар озмунҳои фаннӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ барои муаррифии шоистаи Ватани маҳбуби худ — Тоҷикистони азиз ва парафшон сохтани парчами он хизмати сазовор хоҳед кард.

Мо-тоҷикон одати деринае дорем, ки дар арафа ё рӯзҳои ҷашн ба калонсолон ва кӯдакон туҳфаҳои гуногун пешкаш мекунем.

Мо низ дар айёме, ки ҷашни соли нави аҷдодиамон чанд рӯз пеш фаро расид, ин суннати хуби миллиамонро идома бахшида, умед дорем, ки дастурхони идона ва туҳфаҳои ба шумо тақдимшуда ба шодии шумо хурсандии дигар зам менамояд.

Дар фарҷом бори дигар ҳар яки шумо, фарзандони азизро ба муносибати Наврӯз – Соли нави аҷдодии тоҷикон табрик гуфта, бовар дорам, ки шумо минбаъд низ бо таҳсили хубу аъло ва ахлоқи шоистаи худ барои ҳамсолон намунаи ибрат мешавед ва ҳамчун насли ояндасоз ба воя мерасед.

Дар роҳи расидан ба ин мақсадҳои нек ба ҳар яки шумо, фарзандони азиз ва устодони арҷманд, саломативу сарбаландӣ ва барору комёбӣ орзумандам.

**Саломату сарбаланд бошед, фарзандони азиз!**

# Ифтитоҳи корхонаи инноватсионӣ-истеҳсолии полиэтилении ҶДММ «Суғдполитекс» дар шаҳри Бӯстон

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 март дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд нахуст ба фаъолияти корхонаи инноватсионӣ — истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғдполитекс» оғози расмӣ бахшида, бо раванди истеҳсолот дар ин корхонаи саноатӣ аз наздик шинос шуданд.**

Сохтмони корхона соли 2017 дар доираи дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи саноат ба роҳ монда шуда, он дар муддати камтар аз ду сол бо харҷи беш аз 12 миллион сомонӣ бо сифати баланд сохта ва бо муосиртарин дастгоҳу таҷҳизот таъмин гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар корхона истеҳсоли 207 намуди халтаҳои полиэтиленӣ ба роҳ монда шуда, дар як моҳ 20 тонна ашёи хоми бепартов коркард мешавад. Ашёи хом барои истеҳсоли халтаҳои полиэтиленӣ дар корхонаи инноватсионӣ — истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғдполитекс» аз Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои Қазоқистону Ӯзбекистон ворид карда мешавад. Иқтидори истеҳсолии корхонаи инноватсионӣ-истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғдполитекс" дар як шабонарӯз ба 100 ҳазор ва дар як моҳ ба 3 миллион дона халтаҳои полиэтиленӣ баробар аст.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз корхона ва суҳбат бо кормандон, ки аксариятро занон ташкил медиҳанд, ба иқдоми соҳибкорон Мирзоазиз Усмонов ва Шодимурод Саидов баҳои баланд дода, ҷиҳати боз ҳам афзун намудани иқтидори истеҳсолӣ ва аз байн бурдани воридоти халтаҳои полиэтиленӣ аз хориҷ таъкид доштанд.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғдполитекс", ки дар доираи ҳадафҳо дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат дар масоҳати 4 ҳазору 119 метри мураббаъ сохта шудааст, 100 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Таҷҳизоти корхона аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Тайван ворид карда шуда, дар сехҳои он, асосан, дастгоҳҳои экструдерӣ, буррандагӣ ва чопӣ насб гардида, раванди истеҳсолот тавассути компютер идора ва назорат карда мешавад. Истеҳсоли халтаҳои полиэтиленӣ дар корхонаи инноватсионӣ — истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғдполитекс", ки бо нақшу нигори хоси миллӣ ва тарҳу намуди хос амалӣ мешавад, асосан, барои бозори дохилӣ, аз ҷумла мағозаҳо, гирифтани туҳфаҳо ва дигар эҳтиёҷоти рӯзғор истифода мегарданд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулони Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти ин корхонаи саноатӣ дар шаҳри Бӯстон ҷиҳати ба роҳ мондани содироти маҳсулоти полиэтиленӣ ба хориҷ аз кишвар низ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Роҳбарияти корхона ӯҳдадор шуданд, ки дар доираи ҳадафҳои саноатикунонии босуръати мамлакат солҳои оянда дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд корхонаи истеҳсоли халтаҳои полиэтиленииро бо нақшу нигори миллӣ сохта ба истифода медиҳанд, ки тавлиди маҳсулот дар он, асосан, барои содирот ба кишварҳои Аврупо нигаронида мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо раванди истеҳсолот дар корхонаи инноватсионӣ — истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғдполитекс" бори дигар ҷиҳати роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти аълосифат ва рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда таъкид доштанд.

Ёдовар мешавем, ки дар шаҳри Бӯстон феълан наздики 30 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад ва соли 2018 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба зиёда аз 240 миллион сомонӣ расонида шудааст.

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи қасри фарҳанги деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

**Муҳтарам аҳли фарҳанг!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба истиқболи ҷашни сисолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва дар доираи татбиқи чорабиниҳои солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани майдони Парчами миллӣ, Кохи фарҳанг, беморхонаи муосир ва бинои ҷамоати деҳот далели возеҳи амалишавии ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат, натиҷаи заҳмати содиқонаи мардум ва албатта, самараи неки Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Меҳоҳам махсус таъкид намоям, ки таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи Ҳукумати мамлакат ба соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, воситаи эҳёи ойину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ низ ба мо маҳз аз баракати истиқлолияту озодӣ муяссар гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар даҳҳо иншооти соҳа, аз ҷумла китобхонаву осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ бунёд гардида, ба истифода супорида шуданд, ки онҳо имрӯз ба сокинони мамлакат дар ҷодаи доир намудани чорабиниҳои гуногун, баланд бардоштани завқи зебоишиносии мардум ва дар маҷмӯъ, ба рушди фарҳанги миллӣ мусоидат карда истодаанд.

Соли 2020 ҷашни яке аз ёдгориҳои бостонии кишварамон — шаҳри қадимаи Саразм доир мегардад. Ин чорабинӣ имкон медиҳад, ки мо фарҳанги беш аз 5500 — солаи халқамонро, ки аз ҷониби мутахассисону коршиносони маъруф ва доираҳои илмии бонуфузи ҷаҳон эътироф шудааст, ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намоем.

Бори дигар таъкид месозам, ки ҳадафи асосӣ аз эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», пеш аз ҳама, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани вазъи инфрасохтор, яъне беҳсозии соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Дар ин раванд, ҳоло дар вилояти Суғд корҳои созандагиву ободгарона бомаром идома дошта, мо дар ҷараёни сафари кории худ чандин иншооти муҳимми истеҳсоливу иҷтимоиро ифтитоҳ намудем.

Қасри фарҳанг, ки чанд лаҳза пеш ифтитоҳ гардид, аз ҷумлаи ҳамин корҳои ободгарона буда, дар он китобхонаи замонавӣ, ҳуҷраҳои алоҳида барои фаъолияти маҳфилҳои гуногуни ҳунарӣ ва аз худ кардани ҳунарҳои мардумӣ бо тамоми таҷҳизоту шароити зарурӣ омода шудаанд.

Вобаста ба ин, ҳамаи сокинони деҳоти ба номи Ҳайдар Усмоновро ба муносибати ифтитоҳи иншооти навбунёди иҷтимоӣ, аз ҷумла қасри хуштарҳу замонавии фарҳанг табрик гуфта, ба мутахассисону коргароне, ки дар сохтмони онҳо саҳм гузоштаанд, бахусус, ба ташаббускорону сармоягузорон миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳамчунин, хотиррасон месозам, ки роҳбарону масъулон ва кормандони соҳа бояд бо истифода аз шароиту имкониятҳои мусоид барои ҳифзу нигаҳдории арзишҳои пуркимати маънавӣ ва тараққиёти минбаъдаи фарҳанги миллӣ кӯшиш намоянд.

Зеро тайи чанд соли охир дар аксари шаҳру навоҳии вилоят қасру марказҳои фарҳанг бунёд гардида, таъмиру таҷдиди даҳҳо иншооти мавҷудаи соҳа бомаром идома дорад.

Танҳо соли гузашта дар ноҳияи Шаҳристон Қасри фарҳанг ва дар шаҳри Истаравшан амфитеатри муосир, ки дар минтақа калонтарин ба ҳисоб меравад, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ҳудуди вилояти Суғд 20 иншооти нави соҳаи фарҳанг бунёд ва 139 муассиса таъмиру таҷдид мешавад.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки вазъи баъзе иншооти соҳа ва фаъолияти театрҳои касбии вилоят беҳбудӣ металабад.

Инчунин, зарур аст, ки ба масъалаи фаъолияти муназзами китобхонаҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят, баргузории озмунҳои мухталифи фарҳангиву маърифатӣ, аз ҷумла мусобиқаҳои адабиву китобхонӣ ҳамчун воситаи ҷалби васеи ҷавонону наврасон ба фарҳангу маърифат, баланд бардоштани ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва завқи зебоипарастии онҳо эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Бо ин мақсад истифодаи самараноки маҷмааи фарҳангу фароғат, ки дар маркази ноҳия бунёд шудааст, инчунин, осорхонаи ҷумҳуриявии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва қариб сад ёдгории таърихиву фарҳангии ноҳия бисёр муҳим мебошад.

Алҳол, мардуми кишвар дар марҳалаи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллӣ — сисолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қарор доранд.

Бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ва дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ин санаи таърихӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бунёди беш аз 1200 иншооти гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз, аллакай, як қатор корҳо амалӣ гардидаанд.

Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров яке аз ноҳияҳои калонтарини аграриву саноатии кишвар мебошад. Сокинони ноҳия, бахусус, дар парвариши пахта ва истеҳсоли меваю сабзавот таҷрибаи зиёд доранд.

Бо дарназардошти мунтазам афзоиш ёфтани аҳолӣ ва зиёд шудани талабот ба маҳсулоти озуқа, инчунин, вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ кишоварзону мутахассисони ноҳия бояд бо истифода аз таҷрибаву дониш, обу замин ва дигар захираву имкониятҳо ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол намоянд, коркард ва ба содирот баровардани маҳсулоти тайёрро афзоиш диҳанд.

Дар ин росто зарур аст, ки ба масъалаи таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Бовар дорам, ки мардуми ноҳия аз ӯҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек сарбаландона мебароянд ва барои истиқболи сазовори ин ҷашни бузурги миллӣ саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд ва тамоми сокинони ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро ба муносибати ифтитоҳи Қасри фарҳанг табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу саодати рӯзгор ва комёбиҳои нав орзу менамоям!

**Ҳамеша муваффақу сарбаланд бошед!**

## Боздиди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз Муассисаи давлатии Боғи миллии «Ваҳдат» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва бунёди токзори нав

**30 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ дар вилояти Суғд аз Муассисаи давлатии Боғи миллии «Ваҳдат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров боздид ба амал оварда, баъди шиносой бо дастовардҳои коргарон токзори нав ва боғи суперинтенсивии дарахтони гелосу шафтолуро бунёд карданд.**

Дар токзори нав, ки дар масоҳати 5 гектар бунёд гардид, ангури навъҳои "шоҳона", "ҳусайнии сафеду сурх", "кишмиши сиёҳ" ва "победа" шинонида шуд.

Тибқи маълумоти коргарони боғ, дар ин ҷо аз таҷрибаи бой ва ниҳолҳои боғдорони шинохтаи шаҳри Турсунзода истифода мешавад. Аз рӯйи нақша, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бояд дар майдони 30 гектар токзори чунин ангурҳо бунёд мегардид, вале имрӯз аллакай майдони он ба 47 гектар расонида шудааст.

Майдони умумии Боғи миллии "Ваҳдат" 631 гектарро ташкил медиҳад, ки дар он, аз ҷумла дар 364 гектар звардолу, 48 гектар шафтолу, 35 гектар себ, 5 гектар гелос, 12 гектар олу ва дар 10 гектар ангур парвариш карда мешавад.

Акнун дар ин ҷо бо ҳидояти Сарвари давлат бунёди токзор васеъ ба роҳ монда мешавад ва ҳосил аз ин боғҳо ба содирот нигаронида шудааст.

Имрӯз ҳамчунин дар ҳудуди Боғи миллии "Ваҳдат" Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди боғи нави суперинтенсивӣ оғоз бахшиданд.

Дар майдони 1,3 гектар дарахтони гелос ва дар масоҳати 1,3 гектари дигар шафтолу шинониданд. Дар маҷмӯъ дар боғи нави суперинтенсивӣ 6 ҳазор дарахт шинонида шуд. Ҳамаи ниҳолҳои дарахтон аз Полша ва Канада ба ҷумҳурӣ ворид карда шудаанд.

То имрӯз дар ҳудуди боғ бо ҳидояти Пешвои миллат гармхонаҳо барои парвариши помидору бодиринг, сардхона бо ғунҷоиши то 300 тонна маҳсулот, се ҳавзи парвариши моҳӣ ва дигар иншооти муҳим бунёд гардида буданд. Дар муассиса 80 нафар ба таври доимӣ ва 60 нафар ба таври мавсимӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.

Баъди бунёди боғоти нав дар Муассисаи давлатии Боғи миллии "Ваҳдат" Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба коргарон барои истифодаи самараноки имкониятҳои мусоид дастуру супоришҳои муфид доданд.

## Боздиди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз Маҷмааи сайёҳӣ-истироҳатии «Ҷазираи Темурмалик» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

**31 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз Маҷмааи сайёҳӣ-истироҳатии "Ҷазираи Темурмалик" дидан намуданд.**

Тавре иттилоъ дода шуд, ин мавзеъ дар доираи эълони солҳои 2019 -2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таъсис ёфта, дар масоҳати 5 гектар ҳавзҳои намудҳои зиёди моҳӣ ташкил карда шуда, барои диданибоб шудани минтақа парандаҳои гуногун, аз ҷумла мурғҳои датшӣ (фазан) гирд оварда шудаанд.

Корҳои сохтмонӣ ва муҷаҳҳазсозии парваришгоҳ бо лавозимоти зарурӣ соли 2018 оғоз гардида, дар он бинои истироҳатӣ дар масоҳати 8 бар 5 метр бо баландии 3,9 метр бунёд ёфтааст.

Ҳамчунин барои нигоҳубин ва муҳофизати ҳайвоноти дар ин мавзеъ гирдовардашуда дидбонгоҳи назоратию муҳофизатии экологӣ сохта шудааст.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёгардида дар ин мавзеи зебои соҳили дарёи Сир ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд.

Роҳравҳои ин мавзеи дилфиреби сайёҳӣ дар масофаи 190 метр бо сангҳои гуногуни ороишӣ рӯпӯш гардидаанд, ки хеле назаррабо ба чашм мерасанд.

Дар ин минтақаи истироҳатию сайёҳӣ бо мақсади нигоҳубин ва намоиши парандаи тазарв қафаси калон, ҳавзи моҳидорӣ дар масоҳати 50 бар 50 метр ва нуқтаи гигиенӣ — санитарӣ бунёд гардидааст.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз Маҷмааи сайёҳӣ-истироҳатии "Ҷазираи Темурмалик" ба роҳбарияти вилояти Суғд ва дигар масъулон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани имконот ва инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди вилоят дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Тавре таъкид гардид, феълан дар вилояти Суғд барои қабул ва ташкили истироҳату сайёҳати меҳмонон 26 ширкати сайёҳӣ ва зиёда аз 60 меҳмонхонаву 13 осоишгоҳ фаъолият дорад ва ҷуғрофияи воридшавии сайёҳон ба қаламрави вилоят бо дастгирии Ҳукумати мамлакат сол аз сол тавсеа дода мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки соли 2018 танҳо тавассути гузаргоҳҳои сарҳадии вилояти Суғд беш аз 800 ҳазор нафар сайёҳ ворид гардидааст ва дар ҳамин замина барои боз ҳам рушд додани соҳаи сайёҳии соҳилӣ, муаррифии мавзеъҳои зебову хушманзараи сайёҳии наздисоҳилии вилоят ва дар ин росто ҷалби ҳарчи бештари шумораи сайёҳони дохилию хориҷӣ ба соҳилҳои дарёи Сир мавзеъҳои истироҳатию ҷазираҳои сайёҳӣ бо шароиту имконоти муосир бунёд карда мешавад.

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи қасри фарҳанг дар деҳоти Куруши ноҳияи Спитамен

**Муҳтарам намояндагони сокинони ноҳияи Спитамен!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи сокинони заҳматдӯсти ноҳияи Спитамен ва шумо-ҳозирини арҷмандро ба муносибати ҷашни баҳор ва сари сол, ки чанд рӯз пеш дар диёри мо фаро расид, табрик гуфта, ба ҳар яки шумо сиҳатмандиву хонаи обод ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Тайи ду рӯзи гузашта мо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маросими ба истифода додани чандин иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ, яъне самараи заҳмати сокинони вилоят иштирок кардем.

Мушоҳида мегардад, ки мардуми заҳматписанди ноҳияи Спитамен низ бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи кишвар ба хотири амалӣ гардонидани ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат ва иҷрои барномаҳои давлатӣ дучанд заҳмат кашида, барои ободиву сарсабзии диёри хеш корҳои назаррасро ба сомон расонида истодаанд.

Бо истифода аз фурсат, ба мардуми сарбаланди ноҳия барои заҳмати содиқонаашон арзи сипос намуда, бовар дорам, ки онҳо барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани ноҳия, афзун намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳким бахшидани имкониятҳои содиротии кишварамон бо азму талоши бештар фаъолият мекунанд.

Кишоварзони ноҳия деҳқонони дар ҳақиқат асил будани худро, хусусан, дар самти истифодаи самараноки замин ва муҳаббату садоқат ба давлати соҳибистиқлоли худ собит карда истодаанд.

Шаш сол пеш дар ҷараёни сафари кории мо ба ноҳия дар маркази он хиёбони зебоеро бо муҷассамаи қаҳрамони халқи тоҷик Спитамен ба истифода дода, онро ба номи ин абармарди миллиамон номгузорӣ карда будем.

Имрӯз дар маркази ноҳия боз ду иншооти нав — майдонҳои Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки ҳусни маркази ноҳияро боз ҳам зебову дилкаш гардонидаанд.

Қомат афрохтани рамзҳои муқаддаси давлатдориамон боиси боз ҳам таҳким ёфтани эҳсоси ватандӯстиву ватанхоҳӣ ва ифтихору сарфарозии сокинони ноҳия гардида, майдони онҳо ба макони баргузории чорабиниҳои гуногун табдил меёбад.

Илова бар ин, чанд лаҳза пеш мо дар маросими ба истифода додани китобхона ва осорхонаи маркази ноҳия иштирок кардем.

Биноҳои китобхонаву осорхона бо сифати баланд ва бо дарназардошти меъёрҳои меъмории милливу муосир бунёд гардида, дар он барои дӯстдорони илму маърифат ва таърихи халқамон тамоми шароит муҳайё карда шудааст.

Дар ин маврид, мехоҳам як нуктаро таъкид намоям.

Чанде пеш бо Фармони Президент озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...» эълон гардид ва вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раёсату шуъбаҳои маориф ва дигар шахсони масъул барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ин чорабинии муҳим вазифадор карда шуданд.

Яке аз ҳадафҳои асосӣ аз эълон намудани озмуни мазкур ба мутоилаи китоб ҷалб кардани мардум, махсусан, наврасон ва ҷавонону донишҷӯён мебошад.

Зеро тавре ки мушоҳида мешавад, баъди ба ҳаёти мардум васеъ ворид шудани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва дигар василаҳои коммуникатсионӣ завқи ҷавонон ба китобу китобхонӣ торафт кам шуда истодааст.

Албатта, наслҳои наврасу ҷавон бояд ҳамқадами пешрафти илму техника бошанд, аз навовариҳои технологии замони муосир қафо намонанд, вале дар баробари ин, фаромӯш накунанд, ки воситаҳои техникии имрӯза ҳеҷ гоҳ ҷойи китобро гирифта наметавонанд.

Наслҳои калонсол хуб медонанд, ки тоҷикон аз азал бо омӯзиши илму дониш, офаридани осори илмиву адабӣ, бунёду таъсиси китобхонаҳо, марказҳои илмӣ ва маҳфилу ҳавзаҳои адабӣ машҳур буданд, ки албатта, китобу қалам дар меҳвари онҳо қарор дошт ва фикр мекунам, ки ин анъана набояд фаромӯш гардад.

Китобхонӣ ва аз худ кардани ашъори адибони классику муосири тоҷик ва мероси адабии дигар халқҳои ҷаҳон беҳтарин василаи тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги миллӣ ва башардӯстиву инсонпарварӣ мебошад.

Сокинони ноҳияи Спитамен, махсусан, устодону омӯзгорон, аҳли зиё ва падару модаронро низ даъват менамоям, ки наврасону ҷавононро дар ҳамин рӯҳия ба камол расонанд, то ки онҳо дар оянда ин марзу бум ва тақдири давлату Ватанро чун наслҳои сазовори мову шумо соҳибӣ ва обод карда тавонанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз мо, ҳамчунин, корхонаи истеҳсоли равғанро, ки аз тарафи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "25-солагии истиқлолият" бунёд шуда, бо хатти технологии бисёр пешрафтаи истеҳсолӣ муҷаҳҳаз мебошад ва имконияти бо ҷойи корӣ таъмин намудани даҳҳо нафар сокинони маҳаллиро дорад, ифтитоҳ мекунем.

Қасри фарҳанги деҳоти Куруш, ки ҳоло мо дар он қарор дорем, аз ҷумлаи корҳои сазандагие мебошад, ки ба муносибати истиқболи арзандаи ҷашни сисолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва бо риояи унсурҳои беҳтарини меъмории миллӣ бунёд гардидааст.

Дар Қасри фарҳанг фаъолияти маркази омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ бо 24 ҷойи нави корӣ, маҳфилҳои ҳунарӣ ва хонаи ақди никоҳ ба роҳ монда шудааст, ки дар самти ба шуғл фаро гирифтани занону бонувони хонашин ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ мусоидат хоҳанд кард.

Толори асосии қаср бо 600 ҷойи нишаст барои баргузор намудани ҳама гуна чорабиниҳои фарҳангӣ хеле мусоид мебошад.

Илова бар ин, дар шафати қаср аз ҷониби Ҷамъияти саҳҳомии "Спитамен-текстайлз" толори пӯшидаи варзиш ва майдончаи бозии кӯдакона бунёд гардидааст, ки беҳтарин тӯҳфа барои кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҳёи аркони давлатдории мусирро пеш гузоштааст.

Бовар дорам, ки сокинони ноҳияи Спитамен ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамонро, ки бо дастгириву пуштибонӣ ва заҳмати аҳлонаи мардум бо қадамҳои устувор пеш меравад, бо дастовардҳои сазовори ин санаи воқеан таърихӣ ва бузургӣ миллӣ, аз ҷумла тавассути бунёду ба кор даровардани садҳо иншооти истеҳсолӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ истиқбол мегиранд.

Ноҳияи Спитамен бо устодони соҳаи кишоварзӣ ва деҳқонони асилу пуртаҷрибаи худ шуҳрат дорад. Шубҳае нест, ки онҳо бо заҳмати аҳлонаи хеш барои фаровонии бозори истеъмолии кишвар ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат дар оянда низ саҳми арзишманд мегузоранд.

Ҳамчунин, бо эътимоди комил изҳор медорам, ки мардуми заҳматдӯсти ноҳия ва соҳибкорони саховатманд барои иҷрои нақшаи корҳои ободонӣ, аз қабили бунёду таъмири муассисаҳои таълимӣ, роҳҳои дохилӣ, шабакаҳои обрасонӣ, таъсиси коргоҳу корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ ва муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ барои ҳамдиёрони худ минбаъд саъю талоши бештар мекунанд.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, кулли сокинони ватандӯст ва бонангу номуси ноҳияи Спитаменро бо фарорасии фасли баҳор ва ҷашни сари сол табрик гуфта, бароятон саодати рӯзгор, хонаи обод ва саломативу хушбахтӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша шоду сарбаланд бошед!**

# Ифтитоҳи коргоҳи истеҳсоли арматура дар шаҳри Гулистон

**Дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистони вилояти Суғд бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Маҳмуд ва Компания" мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.**

Корхонаи мазкур дар масоҳати умумии 2,4 гектар аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Абдушукур Раҷабов бунёд шудааст. Баъди ифтитоҳи корхона 100 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Дар корхона, асосан, арматура, ки дар сохтмони бинову иншооти гуногун, махсусан биноҳои бисёрошёна масолеҳи асосӣ ба шумор меравад, истеҳсол мегардад.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Маҳмуд ва Компания" дар давоми се моҳ бунёд шуда, иқтидори истеҳсолии то 50 ҳазор тонна маҳсулот дар як сол мебошад.

Дар ин корхона тавассути технологияи нави чинӣ арматураи тамға (марка)-и 335, 400, 500 ва 600, ки қутрашон аз 8 то 32 миллиметрро ташкил медиҳад, истеҳсол мегардад.

Тақрибан 30 фоизи ашёи хом аз дохил ва боқимондаи он тибқи шартнома, аз Ҷумҳурии Қазоқистон оварда мешавад. Маҳсулоти кимиёвӣ барои чандирӣ ва тобоварии арматураро аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид мекунанд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Маҳмуд ва Компания" низ чун дигар корхонаҳои саноатии шаҳри Гулистон истифодабарандаи муҳими неруи барқ ба ҳисоб меравад. Барои таъмини хати истеҳсолӣ бо барқ дар ҳудуди ҷамъият 7 адад трансформатор насб карда шудааст. Як шарти бомуваффақият фаъолият кардани корхонаи саноатӣ дар шароити кунунӣ тавассути воридоти технологияи камсарф коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот ба ҳисоб меравад. Масъулони корхона ба Роҳбари давлат иттилоъ доданд, ки ҳангоми оғози кор ин трансформаторҳо даҳ ҳазор киловатт неруи барқ истифода мебаранд ва замоне ки кор оғоз шуд, хароҷоти барқ то панҷ ҳазор киловатт коҳиш меёбад. Ҳамин тариқ, онҳо метавонанд, ки бо маҳсулоти хушсифат ва арзон дар бозор мавқеи худро пайдо кунанд.

Пешвои миллат ба роҳбарияти ҷамъият ҷиҳати анҷом додани корҳои ободониву созандагӣ дар ҳудуди корхона ва беҳтару хубтар кардани шароити иҷтимоии кормандон низ маслиҳатҳои муфид доданд.

Ба иттилои масъулони бахши саноатии шаҳри Гулистон, соли сипаришуда корхонаҳои соҳавии ин шаҳр ба маблағи умумии се миллиарду 422 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Акнун бо фаъол шудани боз як коргоҳи боиқтидори саноатӣ ҳаҷми ин маҳсулот боз ҳам афзунтар хоҳад шуд ва ин имкон хоҳад дод, ки ҳадафҳо дар мавриди саноатикунонии босуръати мамлакат ҳарчи зудтар амалӣ гарданд.

## Амалиёти Гурӯҳи корӣ

# Бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ

**Чанде пеш Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон, ҳолати бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дарёфти манбаъҳои иловагии андоз ба Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ сафарбар гардид.**

Дар асоси маълумоти пешниҳодкардаи Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ноҳия шумораи хоҷагиҳои деҳқонии дар қайди мақомоти андозбуда ба миқдори 2961 адад ва тибқи маълумоти Кумитаи замини ноҳияи Восеъ 3704 ададро ташкил менамояд, ки тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонии дар қайди мақомоти андозбуда нисбат ба маълумоти Кумитаи замини ноҳия ба 743 адад баробар мебошад. Дар давоми моҳи январи соли 2019 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда дар нозироти андоз 22 ададро ташкил медиҳад.

Дар ин хусус роҳбари Гурӯҳи корӣ - сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Набиев иттилоъ дод, ки дар рафти фаъолият бо мақсади аз байн бурдани номутобиқатиҳо миёни Кумитаи идораи замини ноҳия ва нозироти андоз рӯйхати хоҷагиҳои деҳқониро аз рӯи маълумоти барномаи Корхонаи фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Восеъ тариқи ирсол намудани огоҳинома ва ҳозир шудан ба суроғаи хоҷагиҳои деҳқоние, ки солҳои 2017-2018 дар асоси таҷдиди хоҷагиҳои калон таъсис ёфтаанд, 28 парвандаи бақайдгирӣ омода намуда, ба Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Восеъ пешниҳод намуданд, ки аз он 21 ададаш ба қайди макомоти андоз гирифта шуд.

Чунончӣ, ба шаҳрванд Асламшо Султонов мувофиқи қарори Раиси ноҳияи Восеъ аз 11.12.2018, №752 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори 3,13 га замин ҷудо шудааст, аммо хоҷагии деҳқонӣ дар мақомоти андоз ба қайд гузошта нашудааст. Бинобар ин, бо гузоронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ номбурда дар қайди мақомоти андоз гузоштаву ҳисоботаш барқарор гардид. Ба ҳамин монанд, ба шаҳрванд Савригули Самад, ки бо қарори Раиси ноҳия аз 09.10.2018, №592 ба миқдори 3,53 га замин ҷудо гардидааст, бо таъсири Гурӯҳи корӣ санаи 20 феврали соли 2019 ҳамчун соҳибкори инфиродӣ барои фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба қайд гузошта шуд.

Мисоли дигар. Ба Сафарбӣ Зарифова, истиқоматкунандаи деҳаи Чорбоғ бо қарори Раиси ноҳияи Восеъ аз 08.11.2018, №647 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори 3,1 га замин дода шудааст, аммо номбурда худро дар қайди мақомоти андоз ба қайд нагирифтааст. Дар натиҷа, бо таъсири Гурӯҳи корӣ ӯ ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуд.

Ҳолати дигари пайдо гардидани тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни Кумитаи замини ноҳияи Восеъ ва нозироти андоз дар он аст, ки дар аксар ҳолатҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бо пешниҳоди идораи замин ба хоҷагиҳои деҳқонӣ иловатан аз ҳисоби заминҳои захираҳои давлатӣ ё аз ҳисоби заминҳои якумра ва ё муҳлатнок вобаста шудааст, аммо дар идораи замини шаҳр бо ду сертификат ду маротиба ва дар Нозироти андози ноҳия бо як шаҳодатнома ба қайд гирифта шудааст, ки боиси пайдо шудани фарқият гардидааст.

Масалан, ба шаҳрванд М. Умаров мувофиқи қарори Раиси ноҳияи Восеъ аз 11.04.2008, №211 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори 3,01 га замин ва ҳамзамон бо қарори дигари раиси ноҳия аз 6.07.2014, №415 иловатан ба миқдори 30,0 га замини чарогоҳ ҷудо шудааст. Бояд қайд намуд, ки ба номи шаҳрванди зикргардида дар идораи замини ноҳияи Восеъ 2 адад сертификат бо номи хоҷагии деҳқонии "Кароматуллои Шариф" навиштаву ду маротиба ба рӯйхат гирифта шудааст, аммо дар нозироти андоз танҳо як хоҷагии деҳқонӣ бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ барои машғул шудан ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар қайд мебошад.

Яке аз ҳолатҳои дигари пайдо гардидани фарқиятҳои шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Кумитаи замини ноҳия ва нозироти андоз дар он мебошад, ки дар асоси қарори Раиси ноҳияи Восеъ аз 27.05.2015, №236 ба миқдори 73 адад хоҷагии деҳқонии инфиродӣ аз ҳисоби КИ "Самар", КТ "Ҳулбук", "Сафина", Сабзалӣ", "Хуршед" ва "Разоқи Ҷаббор", таъсис ёфта буд ва бо дарназардошти хилофи қонун бударни қарори Раиси ноҳия дар асоси амри Прокуратураи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб аз 18.12.2015, №8/149 ва қарори Раиси ноҳияи Восеъ аз 30.12.2015, №617 бекор шудааст. Аммо, шумораи хоҷагиҳои деҳқонии зикргардида низ то давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар тавозуни Кумитаи замини ноҳия хориҷ нашудааст, ки боиси фарқияти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ гардидааст. Бинобар ин, бо дархости Гурӯҳи корӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқониҳои номбурда, ки 73 ададро ташкил мекард, аз тавозуни замини ноҳияи Восеъ бароварда шуданд.

Бо мақсади муқоисаи муайян кардани шумораи хоҷагиҳои деҳқонии дар нозироти андоз мавҷудбуда тавозуни замин дар



шакли электронӣ барои соли 2019 аз Кумитаи замини ноҳияи Восеъ дастрас шуд. Тибқи маълумоти дастрасшуда муайян гардид, ки бо қарорҳои алоҳидаи раиси ноҳия тайи чанд сол ба як қатор корхона ва шахсони алоҳида барои шаклҳои гуногуни истифодабарӣ замин ҷудо шуда, заминҳои ҷудогардида аз тарафи андозсупорандагон дар мақомоти андоз ба қайд гузошта нашудаанд. Дар натиҷа, ин боиси аз андозбандӣ дур мондани онҳо гардидааст.

Масалан, ба ҶДММ «Комил 2010», ки дар қайди Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ мебошад, мутобиқи қарорҳои Раиси ноҳияи Восеъ дар давраи солҳои 2015-2018 ба масоҳати умумии 673,6 га замин аз рӯи таъиноти гуногуни истифодабарӣ (обӣ, лалмӣ, боғ, чарогоҳ, сохтмони биноҳо ва ғайра) ҷудо гардидааст, вале аз ҳисоби заминҳои вобасташуда дар ин хусус ба мақомоти андоз ҳисоботи андозии худро пешниҳод накардааст.

Ба ҳамин монанд, ба ҶДММ «Савуров», ки ба истихроҷ, коркард ва фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул асту дар қайди Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ мебошад, ба миқдори 270,0 га замин аз рӯи таъиноти гуногуни истифодабарӣ ҷудо шудааст, вале дар ин хусус ба мақомоти андоз ҳисобот пешниҳод нагардидааст. Вобаста ба ин, аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи андозсупорандагони мазкур ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо огоҳиномаҳои дахлдор ирсол шуд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи тавозуни Кумитаи замин нишон дод, ки аз тарафи шаҳру ноҳияҳои дигари вилояти Хатлон низ солҳои тӯлонӣ заминҳои ноҳияи Восеъ тахти истифода қарор доштаанд, вале бо сабаби дар қайди нозироти андоз нагузоштанашон андозбандии ин заминҳо аз мадди назар дур мондаанд. Ба санаи 1 январи соли 2019 заминҳои дар тахти истифода қарордоштаи ноҳияи Муъминобод 2344,0 га, ноҳияи Данғара 586,0 га ва шаҳри Кӯлоб, дар маҷмӯъ, 1536,6 га-ро ташкил медиҳад.

Шариф Набиев афзуд, ки яке аз ҳолатҳои дигари номутобиқатиҳои шумора ва масоҳати замин миёни Кумитаи замини ноҳияи Восеъ ва Нозироти андози ноҳия дар он мебошад, ки аз тарафи Кумитаи замини ноҳия бо мақсади дуруст намудани нишондиҳандаҳои тавозуни замин, рӯйхати хоҷагиҳои деҳқонии таҷдидшуда ва ё бархамдодашударо бо нишондоди масоҳатҳои сифрӣ ва масоҳатҳои калон аз қайд набаровардаанд.

Масалан, хоҷагии деҳқонии "Ситез" пурра таҷдид ёфта, дар ин замина хоҷагиҳои деҳқонии алоҳидаи инфиродӣ ташкил шуданд. Аммо, дар тавозуни пешниҳоднамудаи Кумитаи замини ноҳияи Восеъ хоҷагии деҳқонии "Ситез" бо майдони умумии 1173,7 га боқӣ мондааст. Ба ҳамин монанд, хоҷагии деҳқонии "Фозилҷон" низ пурра таҷдид ёфтааст, аммо дар рӯйхати тавозуни Кумитаи замини ноҳияи Восеъ хоҷагии деҳқонии зикргардида бетағйир мондааст.

Сабабҳои дигари ба таъхир гузоштани бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ин баъди таҳияи пурраи ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо сабабҳои гуногун ҳозир нашудани роҳбари хоҷагии деҳқонӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ 35 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда, дар 10 ҳолат муайян гардид, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ дорои 2 - сертификатӣ буда, тибқи қонунгузорӣ ба он як адад шаҳодатнома барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст.

Умед дорем, ки кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи замини ноҳия ва дигар сохторҳои марбута барои ташкили дурусти кор ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳо ва ислоҳи камбудиҳо дар ин самти фаъолият кӯшиши зиёд ба харҷ хоҳанд дод.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Дар Фаронса барои ширкатҳои технологӣ андози нав муқаррар гашт

**ТАДБИРИ МАЗКУР БАРОИ ДАР СОЛИ 2019-УМ 400 МЛН. ЕВРО ВА ДАР СОЛИ 2022 ТО 650 МЛН. ЕВРО АФЗОИШ ЁФТАНИ ВОРИДОТИ МАБЛАҒ БА БУҶЕТ МУСОИДАТ МЕНАМОЯД**

Фаронса барои даромадҳои маҳаллии ширкатҳои технологӣ дар ҳаҷми 3% андози нав ҷорӣ намуд, навиштааст рӯзномаи русии «Ведомости» бо ишора ба The Wall Street Journal. Ҳукумати кишвар ҷамъоварии андози мазкурро аз аввали соли 2019 аз ширкатҳое оғоз менамояд, ки фурӯшашон дар ҷаҳон аз 750 миллион евро зиёд буда, дар Фаронса 25 млн. евроро ташкил медиҳад. Тибқи ҳисобҳои ҳукумати Фаронса, тадбири мазкур имкон медиҳад, ки хизинаи кишвар дар соли 2019-ум 400 млн. евро ғанӣ гардад. Ҳамин рақам дар соли 2022 то 650 млн. евро афзоиш меёбад. Мисли кишварҳои дигари Аврупо, Фаронса ҳам розӣ нест, ки ширкатҳои азиме ба монанди Google, Facebook ва дигарон бо мақсади фиребидани давлат фоидаашонро бо ҳар роҳ ба кишварҳои сатҳи андозҳояшон паст интиқол медиҳанд. Андоз барои фоидаи ширкатҳои азими технологӣ дар замоне, ки Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар бораи ислоҳот дар соҳаи андозбандии ширкатҳои технологӣ машваратҳо барпо мекунад, бояд ба ИМА фишор орад, навиштааст The Wall Street Journal. Ҳукумати ИМА намехоҳад, ки тадбири мазкур танҳо ба ширкатҳои технологӣ равона гардад ва пешниҳод кардааст, ки дар хориҷа ба хароҷоти маркетингии ширкатҳо диққат диҳанд. Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд умед дорад, ки дар оғози соли оянда дар ҳалли масъала ба ифоқа мерасанд. Ҳукумати Фаронса ваъда додааст, ки баъд аз ҳал шудани масъалаи андози нав андоз барои ширкатҳои рақамиро бархам медиҳад.

**Манбаъ: http://taxpravo.ru**

# Алоқаи барқӣ: мушкилот ва пешомадҳо

**Вокуниши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба изҳороти роҳбарони созмонҳои «Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет», «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон», «Анҷумани миллии расонаҳои мустақил», «Иттифоқи истеъмолкунандагон», “Имкониятҳои баробар», «Баробарӣ» ва «Анҷумани соҳибкорони хурду миёна»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснокии ваҳҷу далелҳоеро, ки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ дар муроҷиати худ ба Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 13.03.2019 дар воситаҳои ахбори омма вобаста ба Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисорӣ аз 4 марти соли 2019, №31 “Дар бораи тарифҳои алоқаи барқӣ” нашр шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии аҳолӣ ва ташкилоту идораҳо ба шабакаи Интернет дар ду шакл, яъне тавассути хизматрасонии Интернети хаттӣ ва хизматрасонии Интернети мобилӣ сурат мегирад.

Хизматрасониҳои Интернети мобилӣ дар Тоҷикистон, асосан, аз ҷониби чор ширкати соҳаи хизматрасонии алоқаи мобилӣ, ба аҳолӣ ва ташкилоту идораҳо пешниҳод шуда истодааст: ҶСП “Индиго Тоҷикистон” бо нишони молии “Тселл”, ҶДММ “Таком” бо нишони молии “Билайн”, ҶСП “ТТ мобайл” бо нишони молии “МегаФон”, ва ҶСП “Вавилон - Мобайл” бо нишони молии “Вавилон-М”.

Новобаста аз рушди соҳаи алоқаи барқӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафтаи муосир, даромади ширкатҳои мазкур аз хизматрасониҳои алоқаи барқӣ дар солҳои охир кам гашта, мутаносибан боиси кам ҳисоб ва пардохт шудани андозҳо гардида истодааст, ки асосан ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

Тибқи натиҷаи таҳлилҳо дар давоми 4 соли охир трафики воридотию содиротии байналмилалии зангҳои овозӣ кам шуда, ҳамзамон трафики хизматрасониҳои телематикӣ (Интернет), ки дар дохили худ дигар намуди хизматрасониҳои овозӣ, аз ҷумла трафики алоқаи байнишабакавӣ, байнишаҳрӣ, байналмилалӣ, IP-телефония, телеграф ва ғайраро дар бар мегирад, зиёд шуда истодааст. Қобили қайд аст, ки барои ин гуна хизматрасониҳо муштарӣ танҳо барои харидорӣ намудани хизматрасонии телематикӣ (яъне, Интернет) маблағ пардохт намуда, аз тамоми дигар хизматрасониҳои дар боло зикргардида истифода мекунад ва чунин тартиб барои ширкатҳои мобилӣ қулай мебошад. Чунки, меъёри ченаки Интернет, ки бо мегабайт (Mb) муайян карда мешаванд, дар қонунгузорӣ барои мақсадҳои назорат ва баҳисобгирии даромаду хароҷоти ширкатҳои хизматрасонии Интернети мобилӣ ба таври дақиқ муайян нагардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар маҷмӯъ, ширкатҳои номбаршуда, агар дар соли 2015 дар ҳаҷми 2 миллиарду 303 млн. дақиқа хизматрасониҳои байналмилалии алоқа анҷом дода бошанд, пас дар соли 2018 танҳо дар ҳаҷми 600 млн. дақиқа чунин хизматрасониҳоро анҷом додаанд, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 1 миллиарду 703 млн. дақиқа кам мебошад ё ин ки танҳо 26 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2016-2017 мутаносибан 2016,0 млн. ва 1125,4 млн. дақиқаро ташкил медиҳад.

Бо сабабҳои дар соли 2018 нисбат ба солҳои 2015- 2017 кам шудани хизматрасониҳои байналмилалии алоқа, яъне трафикҳои овозии байналмилалӣ, маблағҳои ҳисобшудаи андозҳои мустақим ва ғайримустақим низ дар фаъолияти ширкатҳои мазкур ба ҳадди назаррас кам гардидааст. Аз ҷумла, андозҳои ихтиёран ҳисобнамудаи ширкатҳои мазкур дар соли 2018 танҳо 772,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 ба маблағи 367,2 млн. сомонӣ кам мебошад ё ин ки танҳо 67,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳол он ки даромади ширкатҳо, дар маҷмӯъ, ба ҳадди андозҳои ҳисобшуда кам нашудааст.

Дар баробари ин, бо вуҷуди мушкилиҳои соҳа, дар давраи солҳои 2015-2018 хизматрасониҳои телематикии (Интернет) чор ширкати мобилии номбаршуда, сол аз сол зиёд гардида истодааст. Агар дар соли 2015 чунин хизматрасониҳо 8 миллиарду 731 млн. мегабайтро ташкил карда бошад, пас ширкатҳои мазкур дар соли 2018 дар ҳаҷми 25 миллиарду 771 млн. мегабайт чунин хизматрасониҳоро анҷом додаанд, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 17 миллиарду 40 млн. мегабайт зиёд мебошад ё ин ки афзоиш 295 фоизро ташкил медиҳад.

Чуноне ки қайд гардид, дар қонунгузории амалкунанда меъёр ва мафҳумҳои хизматрасониҳои телематикӣ (Интернет) равшану возеҳ муқаррар нашудааст ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти ваколатдор дар соҳаи алоқаи барқӣ, барои назорат ва баҳисобгирии хизматрасониҳои телематикӣ таҷҳизоти махсуси телекоммуникатсионӣ ва ҳисобгар надорад. Ин омил ба ширкатҳои мобилӣ имконият медиҳад, ки аз таҷҳизот ва барномаҳои муосири худ истифода намоянд ва трафики хизматрасониҳои телематикиро ба трафики овозӣ иваз карда, тарофаҳои гуногуни тиҷоратиро истифода ва манбаи андозбандиро сол ба сол кам намоянд.

Мавриди қайд аст, ки дар фармоишҳои Хадамоти зиддиинҳисорӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба нархномаҳои гузариши трафикҳои воридотию содиротии хизматрасониҳои байналмилалии алоқаи барқӣ барои операторони соҳаи алоқа арзиши хизматрасонӣ танҳо барои трафики овозӣ барои як дақиқа муайян гардида, фармоишҳои мазкур низ, хизматрасониҳои телематикӣ (яъне, меъёри мегабайти (Mb) Интернет) - ро танзим намекунанд.

Таҳлили бозори алоқаи барқӣ шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ дар асоси пешниҳоди хизматрасониҳои нав (Вайбер, Инстаграм, Телеграмм, ИМО, Фейсбук, Твитер ва ғайра), ки тавассути Интернет амалӣ мегардад, роҳандозӣ гардида истодааст. Ин намуди хизматрасониҳо боиси коҳишёби истифодаи алоқаи овозии муштариёни операторони алоқаи мобилӣ гардидааст.

Инчунин, мувофиқи маълумоти таҳлилӣ, ба хизматрасониҳои байналмилалии алоқаи барқии овозӣ асосан ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон - Тоҷикистон) ва ҶДММ “Таком” (Биллайн) машғул буда, дар мавриди гузаронидани трафики воридотию содиротии хизматрасониҳои байналмилалии алоқаи барқӣ тавассути Маркази ягонаи коммуникатсионӣ, бо сабаби таҳти назорати пурра қарор гирифтан, ҳаҷми хизматрасониҳои байналмилалии алоқаи ин ширкатҳо сол аз сол кам гардида истодааст.

Масалан, агар ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон - Тоҷикистон) дар соли 2016 дар ҳаҷми 1 млрд. 5 млн. дақиқа хизматрасониҳои байналмилалиро анҷом дода бошад, пас ширкати мазкур дар соли 2017 тавассути Маркази ягонаи коммуникатсионӣ, танҳо дар ҳаҷми 783 млн. дақиқа хизматрасониҳоро анҷом додааст, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 717,0 млн. дақиқа кам мебошад. Ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2014-2015 мутаносибан 1 212,7 млн. ва 1018,4 млн. дақиқаро ташкил додааст.

Чунин нишондиҳанда дар ҶДММ “Таком” (Биллайн) дар соли 2016-428 млн. дақиқа ва дар соли 2017 -ум, 172 млн. дақиқаро ташкил додааст, ки 256 млн. дақиқа кам мебошад. Ҳаҷми дақиқаҳои истифодакардаи ин ширкат дар соли 2014-2015 мутаносибан 1 212,7 млн. ва 1018,4 млн. дақиқаро ташкил додааст.

Бо дарназардошти дар қонунгузории амалкунанда мушаххас пешбинӣ нагардидани меъёри муайян барои назорати ҳаҷми истифодашудаи хизматрасониҳои телематикӣ (Интернет) дар фаъолияти ширкатҳои мобилӣ, онҳо ба ин самти нави хизматрасонӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодаанд ва мувофиқи маълумоти аз Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда, арзиши миёнаи тарифи амалкунандаи 1 мегабайт Интернети мобилӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 2018 ба 0,024 сомонӣ баробар мебошад. Аз ҷумла, аз ҳисоби тарофаҳои амалкунанда, арзиши 1 (як) мегабайт бо ҳисоби миёна дар ҶСП “Вавилон Мобайл” (Вавилон – М) 0,039 сомонӣ, ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон Тоҷикистон) 0,016 сомонӣ ва “Индиго Тоҷикистон” (Тселл) 0.025 сомонӣ ва ҶДММ “Таком” (Биллайн) 0,014 сомониро ташкил менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар ҶСП “Индиго Тоҷикистон” (Тселл) бастаи (пакет) хизматрасонии интернетии “G +” ҷорӣ гардида, ҳангоми аз меъёр зиёд истифода намудан, барои 1 мегабайт рӯзона 0,10 сомонӣ ва шабона 0,05 сомонӣ арзиш муқаррар шудааст.

Инчунин, дар ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон Тоҷикистон) ҳангоми аз бастаи (пакет) хизматрасонии Интернет зиёд истифода намудан, барои 1 мегабайт 0,50 сомонӣ муқаррар шудааст. Яъне, айни ҳол барои истифодаи Интернети мобилӣ, муштариёни ширкатҳои хизматрасони алоқаи мобилӣ маблағи ҳар як мегабайти Интернети истифодашавандаро бо арзиши аз 0,014 то ба 0,50 сомонӣ пардохт карда истодаанд, аммо, бино бар мушаххас набудани меъёри назоратӣ, андозҳои ҳисобкарда ва пардохтшудаи ширкатҳои мобилӣ дар қиёс бо даромади онҳо сол аз сол коҳиш ёфта, боиси нигаронӣ шуда истодааст.

Илова бар ин, мутобиқи ҳисоботи расмии ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон Тоҷикистон), ки ба Кумитаи андоз санаи 30.03.2019, №11-GEN-исх.-00191/19 ворид шудааст, муайян шуд, ки дар соли 2018 аз ҳисоби тарофаҳои амалкунанда, арзиши 1 (як) мегабайт бо ҳисоби миёна дар ҶСП “ТТ мобайл” (Мегафон Тоҷикистон) 0,072 сомониро ташкил медиҳад. Яъне тарифи амалкунандаи Интернети мобилӣ дар Мегафон Тоҷикистон аз аризише, ки бо Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисорӣ аз 4 марти соли 2019, №31 “Дар бораи тарифҳои алоқаи барқӣ” бо нархи 0,05 барои 1 (як) мегабайт муайян шудааст, ба андозаи 0,022 сомонӣ зиёд мебошад. Гуногунии арзиши 1 (як) мегайбат Интернед дар маълумоти аз ширкатҳои мобилӣ дастрасшуда омӯзиши иловагиро талаб намуда, саволро ба миён меорад, ки ҳангоми, аллакай, баланд будани тарофа барои 1 (як) мегабайт Интернети мобилӣ, чаро баҳсу мунозира ва шикоятҳои зиёд дар шабакаҳои иҷтимоӣ авҷ мегирад ва худи ширкатҳои мобилӣ вобаста ба ин фармоиши Хадамоти зиддиинҳисорӣ чаро изҳороти расмӣ намекунанд?

Бино бар асосҳои зикршуда, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат, танзими хизматрасониҳои телематикӣ (Интернет) амри воқеӣ буда, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдор муваззаф шуданд, ки барои мукаммал намудани заминаи ҳуқуқӣ ва дар ин асос, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ба танзим даровардани назорати истифодаи ҳаҷми Интернет ва баҳисобгирии даромаду хароҷоти аслии ширкатҳои мобилӣ, чораҷӯӣ намоянд.

Бояд зикр кард, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар доираи вазифаҳои худ нархҳои (тарифҳои) мол (кор ва хизматрасонӣ) – и субъектҳои хоҷагидореро, ки дар бозори молӣ муайян, аз ҷумла бозори хизматрасонии алоқаи барқӣ, мавқеи ҳукмфармоӣ ё инҳисориро доро мебошанд, ба танзим медарорад.

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзим даровардани тарифҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла хизматрасонии Интернети мобилӣ, мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” бо фармоиши худ аз 4 марти соли 2019, №31 “Дар бораи тарифҳои алоқаи барқӣ” тарифҳои пайвастшавии байнишабакавӣ, байналмилалӣ ва хизматрасониҳои телематикии алоқаи барқиро барои як дақиқаи пайваст барои операторони соҳаи алоқаи барқӣ муқаррар намудааст.

Фармоиши мазкури Хадамоти зиддиинҳисорӣ аз 27 марти соли 2019 мавриди иҷро қарор гирифта, ба операторони, ки хизматрасонии алоқаи мобилиро анҷом медиҳанд ва мавқеи ҳукмфармориро дар бозори молии алоқаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамоянд, татбиқ карда мешавад.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарифҳои алоқаи барқӣ” мутобиқи талаботи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” барои муайян намудани миқдори воқеии Интернети истифодашуда ҷиҳати ба танзим даровардани хизматрасонии Интернети мобилӣ, қабул ва танҳо барои хизматрасониҳои ширкатҳои мобилӣ равона шудааст. Фармоиши мазкур ба нархи тарофаҳои хизматрасонии Интернети хаттӣ (фиксированый Интернет), ки дар фаъолияти идораҳо, корхонаву ташкилотҳо ва аҳолӣ истифода мегардад, таъсир нарасонида, хароҷоти иловагиро аз ҳисоби аҳолӣ, корхона ва ташкилотҳо талаб намекунад.

Бо дарназардошти нишондиҳандаҳои зикршуда, ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар танзими соҳаи алоқаи мобилӣ ва бо мақсади назорати арзиши аслии хароҷоти дастрас намудани Интернет ба шабакаҳои операторони мобилӣ, Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2019, №31, сариваҷтӣ ва қобили дастгирӣ мебошад.

**Шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Цукерберг призвал к госрегулированию интернета



**«Я считаю, что нам нужна более активная роль правительств и регулирующих органов», - заявил он.**

По мнению Цукерберга, для интернета нужны новые правила, которые позволят сохранить в Сети свободу самовыражения для людей и творчества для предпринимателей, при этом «защищая общество от вреда больших масштабов», - пишет РИА Новости.

Ранее «СП» сообщала, что компания Марка Цукерберга удалила ряд страниц и групп в Facebook и Instagram за действия, направленные против Соединенных Штатов Америки.

**Источник: ЦентрАзия**

КОРҲОИ МАЪРИФАТӢ

# Тадқиқот

## дар курсҳои кӯтоҳмуддат ва беҳсозии сифати фаъолият

**Бахши такмили ихтисоси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон барои муайян намудани натиҷаи фаъолият, дақиқ кардани норасоиҳо ва дарёфти роҳҳои ҷадиди корӣ пайваста тадқиқот, таҳлил ва омӯзишҳоро бо иштирокчиёни курсҳои кӯтоҳмуддат ва семинарҳои омӯзишӣ баргузор менамояд. Чунин як тадқиқот бо иштирокчиёни курси кӯтоҳмуддат аз 14 то 16 – уми феврали соли 2019 дар Раёсати андози вилоят баргузор гардид.**



- Барои иштирок дар курси кӯтоҳмуддати 3-рӯза 19 корманди шуъба ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳои мақомоти ҳудудии андоз даъват гардиданд, - гуфт мудири бахши Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Баҳром Қувватов. – Машғулиятҳо тибқи ҷадвали тасдиқгардида дар ҳаҷми 23 соати таълимӣ аз тарафи сардорони шуъбаҳо ва дигар кормандони собиқадори соҳа доир гардиданд.

Бояд гуфт, ки дар курсҳо Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», инчунин оид ба омӯзиши Кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ ва одоби касбии корманди мақомоти андоз, тартиби татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ ва ситонидани маблағи он ба буҷет ба шунавандагон шарҳ дода шуд.

Мутахассиси пешбари бахши Маркази такмили ихтисос дар вилояти Хатлон Субҳон Иброҳимов гуфт, ки барои муайян намудани натиҷаи курсҳо аз тарафи бахш тадқиқот гузаронида мешавад. Барои ин «Варақаи пурсиш» омода шудааст, ки дар аввал ва охири ҳар як курси омӯзишӣ иштирокчиён онро пур мекунанд. Суолҳои варақаи пурсиш иштирокчиёнро оид ба розигиашон аз салоҳияти комиссияи санҷишӣ, муайянкунии донишу фаҳмиши онҳо оид ба қонунгузориҳо ва Кодексҳои андоз, ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот ва қонуну қоидаи хизматрасонии сифати баланд ба андозсупоранда, риояи одоби муошират ва муносибатро бо андозсупорандагон муайян менамоянд.

Зимни суҳбат иштирокчиёни курси омӯзишӣ изҳор доштанд, ки курсҳои кӯтоҳмуддат ва семинарҳои омӯзишии Маркази такмили ихтисос дар сатҳи баланд мебошад. Аз иштирок дар ин курс тавонистем, ки оид ба як қатор мавзӯъҳои муҳими тахассусӣ маълумоти даркорӣ гирем. Машғулиятҳо бо истифодаи амалии барномаҳои компютерии СИА баргузор гардиданд. Ҷиҳати мустаҳкам намудани донишҳои азхуднамудаи шунавандагон иловатан машғулиятҳо барои омӯхтан ва тартиби истифодаи системаи иттилоотии андоз дар шакли саволу ҷавоб имконияти фароҳам дода шуд.

Баҳром Қувватов зикр кард, ки дар анҷоми машғулиятҳо аз ҷониби комиссияи санҷишӣ сатҳи дониши касбии шунавандагон ва малакаи онҳо доири кор бо барномаҳои дахлдори компютерии СИА санҷида ва натиҷаи баргузории дарс ва санҷиш тариқи почтаи электронӣ ба сардорони мақомоти ҳудудии андоз равон карда мешавад. Ин ҳама ба хотири баланд бардоштани сифати корӣ ва мусоидат дар баландбардории донишу фаҳмиш ва корбарии кормандони соҳаи андоз мебошад.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

Гурӯҳи кории Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе чанде пеш бо иштироки роҳбарият, кормандон ва соҳибкорони инфиродии «Бозори Меҳргон»-и шаҳри Душанбе семинар – машварат баргузор намуд.

# Ҳадаф – иҷрои ухдадориҳо



Нахуст сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози шаҳри Душанбе Илҳом Муродхусейнов бо мақсади ба соҳибкорон расонидани нуктаҳои муҳими Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ёдовар шуда, гуфт, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам сохтани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи сокинони ҷумҳурӣ саъйи зиёд меварзад, аз ин рӯ, ҳамаи моро лозим меояд дар иҷрои ухдадориҳои худ масъулият эҳсос намоем.

Сипас, сардори шуъбаи Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Фозилов сухан кард. Ӯ ёдрас намуд, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №493 қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд тариқи электронӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузаранд ва ҳам ба нозироти маҳалли қайди худ ҳозир шуда, ин амалиётро анҷом диҳанд.

Баъдан, сармутахассиси гурӯҳи тавзеҳот ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода суханронӣ намуд. Номбурда гуфт, ки тибқи моддаи 17 Кодекси андоз шахсони воқеие, ки фаъолияти худро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, соҳибкори инфиродӣ дониста мешаванд. Фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ба роҳ монда мешавад.

Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент ухдадоранд андозҳои муқарраршударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт намоянд.

Патент ҳуҷҷати номӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста нест. Дорандагони патент тибқи қонунгузории андоз барои бурдани ҳисоби муҳосибӣ, мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз ухдадор нестанд.

Баъдан, сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадӣ Ниёзов дар мавриди пешниҳоди дурусти эъломияҳо ва пардохти андозҳо ҳарф зад. Мавсуф аз ҷумла гуфт, ки аз моҳи майи соли 2018-ум сар карда Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани кортҳои пардохтии бонкӣ», ки аз 31 декабри соли 2014, таҳти рақами 815 қабул гардидааст, хизматрасонии эквайренгӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Вобаста ба ин, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имкон доранд тавассути кортҳои пардохтӣ маблағҳои андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Мақомоти андоз ҷиҳати беҳтар сохтани фазои хизматрасониҳо ба андозсупорандагон тадбирҳои зарурӣ меандешад. Аз моҳи апрели соли 2017 рақами иловагии содакаршудаи телефонии «152» мавриди истифода қарор гирифтааст, ки тавассути он шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор метавонанд ҳангоми ба расмият даровардани амалҳои нотариалӣ, гирифтани иҷозатномаҳо, иҷозатҳо, сертификати ба кор қабул намудан, ба расмиятдарории амалиёти иқтисодии хориҷӣ ва доир ба рақами мушаххаси андозсупории худ ба тариқи фаврӣ маълумот гиранд.

Дар идомаи семинар - машварат Ҷамолиддин Зокирзода изҳор намуд, ки ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бо тартиби муосир ба роҳ мондани саволу ҷавоб бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, №507 «Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим (онлайн) бо истифодаи «Чат» дар Кумитаи андоз» роҳандозӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо аз соли 2017 «Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» дар таҳрири нав татбиқ гардидааст. Ин ҳама ба хотири беҳтар гардонидани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон роҳандозӣ шудааст.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон ухдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро нишон диҳанд. Инчунин, ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз аз МНХ истифода намоянд. Зеро ки мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №210 «Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, инчунин, талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ» ҳатмӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки барои истифода накардани МНХ соҳибкор дар асоси моддаи 614-615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Чораи таъсиррасон

**Ҳайати кории Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо роҳбарияти ҶДММ ЛТД «Сафариён»-и шаҳри Душанбе ва соҳибкорони инфиродии ин бозор дар мавзӯи шарҳи тағйироти ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти рақами 451 воридшуда, ҳамчунин, тартиби дурусти бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ семинар – машварат баргузор кард.**

Нахуст сармутахассиси Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода сухан ронда, аз ҷумла қайд намуд, ки бо дарназардошти сатҳи тавваррум дар соли 2018 маблағи патенти соҳибкорон 5,4 фоиз зиёд гардид. Ёдовар бояд шуд, ки Фармоиши якҷояи Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2019, таҳти №15 ва №1-ф «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.



Ҳамзамон қайд гардид, ки тибқи моддаи 17 Кодекси андоз шахсони воқеие, ки фаъолияти худро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, соҳибкори инфиродӣ дониста мешаванд. Фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ба роҳ монда мешавад.

Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент уҳдадоранд андозҳои муқарраршударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт намоянд.

Баъдан, сармутахассиси шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанб Шаҳноза Бойназарова дар бораи бақайдгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ суханронӣ намуд. Ӯ гуфт, ки соҳибкорон фаъолияти худро қатъ мекунанд, аммо худро аз рӯихати иқтибоси феҳристи соҳибкорӣ расман намебароранд. Бехабар аз он ки ин ба зарари худи онҳост. Бояд донист, соҳибкороне, ки худро қонунан аз қайд намебароранд, агарчи фаъолият ҳам накунанд, қарзашон дар назди буҷет афзоиш меёбад. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №493 қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд тариқи электронӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузаранд ва ҳам ба нозироти маҳалли қайди худ ҳозир шуда, ин амалиётро анҷом диҳанд.

Дар семинар – машварат намояндагони ҶДММ ЛТД «Сафариён» ва соҳибкорони бозори мазкур дар бораи тартиби барусхатии меҳнатӣ баромадани соҳибкорон, истифодаи МНХ – ва қатъ кардани фаъолияти соҳибкорӣ саволҳо дода, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Дар охир таъкид гардид, ки андозсупорандагон метавонанд барои ҳалли масъалаҳои пешомада ба Бахши иттилоотӣ бо рақами содакардашудаи «151» муроҷиат намоянд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Ташаккули сармояи оинномавӣ

**Дар Раёсати андози шаҳри Душанбе оид ба ташаккули сармояи оинномавии корхонаҳо бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон семинар - машварат доир гардид.**

Сараввал муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе М.Раҷабзода аз хусуси он ки баъзе корхонаҳо баъди аз бақайдгирии давлатӣ гузаштан оинномаи худро дар давоми сол ташаккул намедиҳанд, сухан ронд.

Сипас, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И.Муродҳусейнов ҳозиринро бо маълумоти ташаккули оиннома шинос намуд. Ӯ қайд кард, ки мақомоти андоз бо мақсади иҷрои талаботи қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, таҳти №508 ҳолати ташаккулёбии сармояи оинномавии корхонаҳо дар қайди Раёсати андозбударо дар феҳристи ягонаи давлатӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад ва мутобиқи талаботи қонуни зикршуда ҳангоми бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ сармояи оинномавӣ талаб карда мешавад. Тибқи қонунгунгузории ҳуҷҷати мазкур ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол, аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ, таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад. Номбурда афзуд, ки дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешаванд. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки барои барҳам додани чунин шахсон ба суд муроҷиат намоянд.

Сармутахассиси шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе Ш. Бойназарова зикр кард, ки аз шумораи умумии корхонаҳои шаҳри Душанбе, 3023 адади он (ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ 832 адад, Шоҳмансур 683 адад, Сино 972 адад ва Фирдавсӣ 535 адад) субъектҳое ба ҳисоб мераванд, ки то ҳанӯз сармояи оинномавии худро ташаккул надодаю, хилофи талаботи қонунгузорӣ амал намуда, маълумоти худро оид ба ташаккулёбии сармояи оинномавӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод накардаанд.

Вобаста ба ин, М.Раҷабзода аз андозсупорандагон даъват ба амал овард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя карда, маълумоти худро оид ба ташаккулёбии сармояи оинномавӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ сари вақт пешниҳод намоянд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

**Тибқи талаботи моддаи 40-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ - шакли назорати андоз буда, аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад, равонашуда гузаронида мешавад. Дар ҳамин модда гуфта шудааст, ки муоинаи хронометражӣ тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ на зиёда аз як маротиба дар як сол ба муҳлати то 3 рӯзи корӣ гузаронида мешавад.**

# Ошкор шудани маблағҳои пинҳонӣ



- Дар соли 2018 дар фаъолияти 17 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, 42 ҳазору 841 сомонӣ маблағҳои пинҳоншудаи соҳибкорон ошкор гардид, - гуфт дар суҳбат мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродии Нозироти андози ноҳияи Темурмалик Абдухолиқи Файзиддин. - Пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии якмоҳаи ин соҳибкорон 147 ҳазору 833 сомониро ташкил медод. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки маблағи даромади онҳо дар як моҳ 190 ҳазору 674 сомониро ташкил медиҳад. Андозсупорандагон маблағи 42 ҳазору 841 сомониро аз мақомоти андози ноҳия пинҳон намудаанд, ки дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз тарафи кормандони андози ноҳия маблағи зикршуда пурра ошкор ва ба буҷет пардохт гардид. Мавсуф чанд мисол овард. Ӯ гуфт, ки ҶДММ «Роҳи Абрешими Файз», ки дар ҷамоати деҳоти Қаракамиши ноҳия ба фурӯши сӯзишворӣ машғул аст, даромади умумии худро дар як моҳ ба маблағи 8 ҳазору 253 сомонӣ нишон медод. Кормандони нозироти андози ноҳияро зарур омад, ки дар фаъолияти ин ҷамъият муоинаи хронометражӣ гузаронанд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии ҷамъият дар асл дар як моҳ 18 ҳазору 280 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, кормандони нозироти андози ноҳия дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ 10 ҳазору 27 сомонӣ маблағи пинҳонкардаи соҳибкорро ошкор намуданд. Сафархон Азизулоев ҳамчун соҳибкор дар ҷамоати шаҳраки Совет ба фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул буд. Соҳибкор ҳангоми фаъолият даромади умумии худро дар як моҳ ба мақомоти андози ноҳия 13 ҳазору 560 сомонӣ нишон медод, ки боиси шубҳаи мақомоти андоз гардид. Кормандони нозироти андози ноҳия зарур шумориданд, ки дар фаъолияти ӯ низ муоинаи хронометражӣ гузаронанд. Муоинаи хронометражӣ маълум кард, ки даромади умумии соҳибкор дар як моҳ 14 ҳазору 854 сомониро ташкил медиҳад. Ба ҳамин монанд, соҳибкори инфиродӣ Шоҳмурод Файзуллоев дар ҷамоати Кангурт дар дохили ҶДММ «Бозори хусусии Ҷамшеди Қаҳрамон» ба фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул буд. Номбурда пеш аз давраи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маблағи даромади худро ба мақомоти андози ноҳия дар як моҳ 6 ҳазору 150 сомонӣ нишон медод. Муоинаи хронометражӣ муайян намуд, ки даромади якмоҳаи соҳибкор дар асл 12 ҳазору 510 сомониро ташкил медиҳад. Ш. Файзуллоев 6 ҳазору 360 сомониро аз мақомоти андози ноҳия пинҳон намудааст. Маблағи зикршуда пурра ба буҷет пардохт шуд. Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҶДММ «Суҳайлҷон» низ, ки ба фурӯши хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум машғул буд, гузаронида шуд. ҶДММ «Суҳайлҷон» пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ 29 ҳазору 533 сомонӣ нишон медод. Муоинаи хронометражӣ муайян кард, ки даромади ҶДММ «Суҳайлҷон» дар як моҳ 31 ҳазору 830 сомониро ташкил медиҳад, ки фарқият 2 ҳазору 297 сомонӣ мебошад.

Ҳамин тавр, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ Савринисо Назарова, Гулчаҳон Икромова, Абдуқаҳор Давлатов, Раъно Бобоева, Ҳисноро Раҷабова ва Ширмо Аҷикова маблағҳои пинҳониро ошкор сохт. Маблағҳои ошкоршуда ба буҷет ворид гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Таҳлили фаъолият

**Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, инчунин, татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва санҷиши фаъолияти андозсупорандагони миёна сафарбар гардид.**



## Ҳаҷми маблағи қарз

Мутобиқи маълумот бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагони дар қайди Нозироти андозсупорандагони миёнабуда ба ҳолати 01.02.2019-ум 56,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ 2,9 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Аз таҳлилҳо маълум шуд, ки аз маблағи умумии қарз 20,5 млн. сомонӣ, яъне 36,3 фоиз ба 41 адад ширкати фаъолияташон моҳияти иқтисодинадошта (ширкатҳои ба ном "якрӯза") рост меояд. Аз ин ҳисоб 20,9 млн. сомонӣ дар натиҷаи фоизу ҷаримаҳои иловагӣ ҳисобшуда ва 11,3 млн. сомонии дигар дар натиҷаи корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз) бавуҷудомада мебошад. Инчунин, 10,6 млн. сомонӣ ба 22 адад корхонаву ташкилотҳои давлатӣ, аз ҷумла корхонаҳои воҳиди давлатӣ оид ба кашонидани партовҳои сахти маишӣ тааллуқ доранд.

## Шумораи қарздорон

Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки шумораи андозсупорандагони қарздор дар Нозироти андозсупорандагони миёна ба санаи 01.02.2018-ум ба 414 адад расидааст, ки ин нисбат ба аввали сол 92 адад кам мебошад.

Тавре ки Гурӯҳи корӣ иттилоъ дод, аз шумораи 431 адад андозсупорандаи қарздор, 230 адади онро андозсупорандагоне ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзи андозҳои онҳо то 40,0 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар чораҳои таъсиррасон маблағи қарзи андозҳои ин андозсупорандаҳо ба буҷет рӯёнида шуд. Инчунин, дар ин давра, бо дарназардошти татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ нисбати андозсупорандагони қарздор ва андешидани дигар тадбирҳои таъсирбахш, бақияи қарзи 62 андозсупорандаи қарздорро ба маблағи 2454,2 ҳазор сомонӣ пурра рӯёнидаанд.

## Вазъи қарорҳои қабулшуда

Бояд қайд намуд, ки дар 2 моҳи аввали соли 2019 дар Нозироти андозсупорандагони миёна нисбати 28 андозсупоранда доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 6,5 млн. сомонӣ 60 адад қарор қабул гардид, ки аз ин ҳисоб ба буҷет маблағи 2,3 млн. сомонӣ ворид шуд.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 107 қарори дар соли 2018 иҷронагардида ба маблағи 26,2 миллион сомонӣ, ки нисбати 62 андозсупорандаи қарздор қабул шудааст, як қисмати он иҷро нагардид. Аз ин рӯ, иҷрои онҳо ба соли 2019 гузаронида шуд. Дар соли 2018 аз ин қарорҳо 12,2 миллион сомонӣ ба буҷет таъмин гардид. Дар 2 моҳи соли равон аз ин ҳисоб 4,2 млн. сомонӣ ба буҷет рӯёнида шудааст.

## Пардохти бақияпулиҳо

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андозсупорандагони миёна дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва ба роҳ мондани дигар чораҳои таъсиррасон нисбати андозсупорадагоне, ки бақияпулиҳои андози зиёд доранд, тадбирҳо андешида шуданд. Масалан, нисбати ҶДММ "Шуҷо" ки маблағи бақияи қарзи андозҳояш ду моҳ қабл пайдо гардида буд, қарори Кумитаи андоз аз 28.01.2019 таҳти №8-2-99 оид ба ситонидани бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 340,5 ҳазор сомонӣ қабул гардид. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ба роҳ мондани чораҳои таъсиррасон, аз ҳисоби ҷамъияти мазкур маблағи 396,8 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд.

ҶДММ «Наби 2017» аз зумраи ширкати бо ном "якрӯза"-ест, ки маблағи қарзаш ба санаи 01.02.2019-ум 225,7 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Кумитаи андоз нисбати ҷамъият дар бораи ситонидани бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби суратҳисоби бонкӣ қарор қабул намуд. Мебоист, ки тибқи ин қарор ҷамътияти мазкур 210,7 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳоро пардохт мекард, вале қарори мазкур беиҷро боқӣ монд. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ тавонист 181,2 ҳазор сомониро рӯёнад.

ҶДММ «Парвиз-2017» низ аз қабили ширкатҳои бо ном "якруза" дониста мешавад, ки ба санаи 1 феврали соли 2019 аз ҳисоби андозҳо 704,0 ҳазор сомонӣ қарз дорад. Бо пешниҳоди Гурӯҳи корӣ Кумитаи андоз нисбати ҷамъият аз 28.02.2019, таҳти №8-2-194, №8-2-195 ва №8-2-196 оиди ситонидани бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 758,3 ҳазор сомонӣ қарор қабул кард. Дар натиҷа, пардохти 400,0 ҳазор сомониро ба буҷет таъмин кард.

Ба ҳамин монанд, аз ҳисоби бақияи қарзи ҶДММ «Ориёно 2017» низ, ки ба маблағи 557,8 ҳазор сомонӣ қарздор буд, бо боздошт намудани суратҳисоби бонкӣ ва ба роҳ мондани дигар чораҳои таъсиррасон маблағи 300,0 ҳазор сомонӣ ба фоидаи буҷет ситонида шуд.

Ҳамчунин, маълум гардид, ки ба санаи 1 феврали соли 2019-ум маблағи қарзи андозҳои ҶДММ "Талко персия" ба 833,1 ҳазор сомонӣ расидааст. Мебоист, ки ҷамъият 826,1 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳоро ба буҷет таъмин кунад, вале аз ин ҳисоб танҳо то давраи амалиёти Гурӯҳи корӣ 161,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин шудаасту халос. Бо мақсади рӯёнидани қарзи андозҳои ҷамъият ва таъмини иҷрои қарори қабулгардида, Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ аз сармуҳосиби ҷамъият уҳдадории хаттӣ гирифт. Дар натиҷа, аз ҳисоби ҷамъият 182,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

ҶДММ "Шаҳмаран" ҳам аз шумори андозсупорандагоне аст, ки дар назди буҷет қарзи зиёди андозӣ дорад. Ба ҳолати 1 феврали соли 2019 – ум маблағи умумии бақияи қарзи он ба 162,3 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Аз 399,2 ҳазор сомонӣ маблағи қабулгардида танҳо то давраи фаъолияти ҳайати кории мақомоти андоз маблағи 148,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардида буд. Дар давраи фаъолияти худ Гурӯҳи корӣ тавонист аз ҳисоби бақияи қарзи ҷамъият 93,7 ҳазор сомонии дигар ба буҷет ворид кунад.

Ба ҳамин монанд, дар натиҷаи чораҳои андешидашуда (бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ) аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳои ҶДММ "Диёр Сохтмон" маблағи 213,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сервис газ" 134,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Васлгар 2015" 128,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Тайрон" 100,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Раҳмат и К" 61,8 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Мавсим ва К" 164,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ҷавоҳирот" 97,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Шаҳзод интернейшнл" 68,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сапеда 112" 560,9 ҳазор сомонӣ, ҶСК "Меҳмонхонаи Тоҷикистон" 59,0 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Заводи қубурҳои асбестӣ" 146,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Нуроб" 228,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Нил сохтмон" 70,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ёқут 2000" 91,0 ҳазор сомонӣ, КВД "Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе" 222,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Осоиш" 127,9 ҳазор сомонӣ, КФ "Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ" 141,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Нузум" 87,2 ҳазор сомонӣ ҶДММ "Ануш и Ко" маблағи 128,9 ҳазор сомонӣ, ки дар маҷмӯъ 4625,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд, ба буҷет ворид шуд.

## Чораҳои пешакӣ

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, тибқи талаботи қисми 3 - и моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандаҳои қарздор оид ба пардохти қарзи андоз мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешавад, аз ҷониби кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва «Дастури методӣ дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» оид ба пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда хуб риоя намегардад. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ ба суроғаи 42 андозсупорандаи қарздор огоҳинома фиристод, ки маблағи умумии он ба 3,9 миллион сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра, аз ин ҳисоб танҳо 580,4 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар баъзан мавридҳо зарурати фавран татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати ин ё он андозсупоранда пайдо мегардад, вале дар аксари чунин мавридҳо муайян карда мешавад, ки ба андозсупорандаи қарздор ҳатто огоҳинома дода нашуда ва санади муқоисавӣ таҳия карда нашудааст. Вобаста ба ин, ҳар як корманди мақомоти андозро зарур аст, ки дар иҷрои уҳдадориҳои худ масъулияти бештар эҳсос кунад ва дар таъмини қисми даромади буҷет саҳми арзандаи худро гузорад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Интиқоли электронии маълумот



**Дар Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон, сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз Маҳмадсаид Давлатзода, муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Обиди Муҳаммадсаид, муовини директори ҶДММ «Фароз-пардохт» Ш. Қаландаров ва шахсони масъули ширкатҳое, ки ба таҳвил ва фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, семинар-машварат баргузор гардид.**

Дар семинар-машварат иҷрои муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасонии электронии онҳо» аз 01.03.2018, таҳти №82 дар фаъолияти воридкунандагони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон қайд намуд, ки семинар-машварати мазкур бо мақсади таъмини риояи қонунгузории андоз ва сабабҳои сари вақт иҷро нагардидани бандҳои дахлдори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои электронии онҳо» аз 1 марти соли 2018, таҳти №82 баргузор мегардад. Бояд гуфт, ки ин таҷриба қаблан дар дигар давлатҳо ҷорӣ гардида, баъди омӯзиш он дар Тоҷикистон низ мавриди амал қарор дода шуд, ки риоя ва назорати иҷрои он барои маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд.

Сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода муҳтавои қарори мазкурро шарҳ дод. Чуноне номбурда иброз дошт, дар банди дуюми қарори мазкур таъкид шудааст, ки фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои захираҳои маҳсулоти нафту газ танҳо бо шарти таъмин шудани нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти (колонкаҳои) ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатӣ бо мавҷуд будани низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ дар шакли онлайн (ва «офлайн» дар минтақаҳое, ки ба Интернет дастрасӣ надоранд), ки тибқи барномаи аз тарафи субъекти интихобшуда дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, иҷозат дода мешавад.

Таъкид гардид, ки тибқи талаботи банди 4 қарори номбурда гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ аз 1 июли соли 2018 амалӣ шуда, ба субъектҳои хоҷагидоре, ки бо савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғул мебошанд, ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ то 1 -уми сентябри соли 2018 муҳлат дода шуда буд. Аммо бо сабабҳои гуногун аз қабили фарсуда будани колонкаҳое, ки имконияти пайваст намудани барномаи электрониро надоранд, он пурра иҷро нагардид. Бинобар ин, вобаста ба пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳуҷҷатгузории харид ва фурӯши маҳсулоти сӯзишворӣ, асоснокии ҳисобот оид ба тамғагузори НФС, кам нишон додани шумора ва музди маоши кормандон бо даъвати субъектҳое, ки ба таҳвил ва фурӯши маҳсулоти сӯзишворӣ машғуланд, чанд маротиба ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки ба ҳолати 1-уми феврали соли 2019 дар кишвар 1055 адад нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ амал мекунад, ки аз ин 530 адади он (50 фоиз) ба барномаи автоматикунонӣ пайваст буда, маълумоти онҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид мегардад. Ҳамчунин, дар вилояти Суғд 480 адад нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ амал мекунад, ки аз ин 102 адади он бефаъолият ва 377 адади он фаъолияткунанда мебошанд. Бо вуҷуди он ки 90 фоизи нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар вилояти Суғд тибқи талаботи банди 4 қарори мазкур ба барномаи автоматикунонӣ пайваст гардидаанд, мутаассифона ягон адади он бо анборҳо (базаҳо)-и барномаи мазкур ворид нашудааст.

Чуноне аз таҳлили маълумоти барномаҳои Кумитаи андоз бармеояд нишондоди фонди музди меҳнат ва шумораи коргарони кироя низ дар фаъолияти баъзе субъектҳои мазкур паст буда, аз нишондоди миёнаи соҳа кам мебошад. Масалан, дар давоми соли 2018 агар нишондоди музди мехнати миёна дар ҶДММ «Газпромнефт-Тоҷикистон» 3,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Навоил» 1,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Мабдаи нур» 1,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Газоил» 1,3 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Гули Сурх» 1,2 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар фаъолияти ҶДММ «Тодик петролиюм» 270 сомонӣ ва ҶДММ «Нематбахш» 486 сомониро ташкил додааст, ки ин ғайривоқеӣ мебошад. Бинобар ин, аз соҳибкорон даъват ба амал оварда шуд, ки ҳангоми пешниҳод намудани эъломияҳои андоз шумора ва музди маошро дуруст пешниҳод намоянд.

Маҳмадсаид Давлатзода ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар самти таҳвил ва фурӯши сӯзишворӣ андешаҳои худро пешниҳод намуд. Аз ҷумла, ба ширкати ҶДММ «Фароз-пардохт” пешниҳод шуд, ки ҷиҳати иҷрои банди 4 қарори мазкур оид ба насби «плата»-ҳо дар анборҳои нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар муҳлати кутоҳ чораҷӯӣ намоянд. Инчунин, ҷиҳати дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо масъулони онҳо гузаронидани семинар - машваратҳо оид ба дуруст истифода кардани барномаи автоматикунонӣ мусоидат кунанд ва ҷиҳати сари вақт ворид намудани маълумот ба сервери Кумитаи андоз чораҷӯӣ намуда, рамз (код)-ҳое, ки аз тарафи ҶДММ «Фароз-пардохт» дар колонкаҳои НФС насб мешавад, махфияти онро нигоҳ доранд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки бо намояндагони ҶДММ «Фароз - пардохт», ҷиҳати ҳалли камбудиҳо дар ин самт ҳамкорӣ намуда, нисбати НФС – ҳое, ки ба кори барномаи автоматикунонӣ дахолат мекунанд, чораҷӯӣ намояд. Ҳамчунин, оид ба нуқтаҳои фурӯши сӯзишворие, ки нав ба фаъолият оғоз менамоянд, ба Кумитаи андоз ва нусха ба ҶДММ «Фароз - пардохт» маълумот пешниҳод намуда, дар якҷоягӣ бо намояндагони ҶДММ «Фароз - пардохт» оид ба нуқтаҳои фурӯши сӯзишворие, ки ба тариқи автомашинаҳо дар кӯчаҳо ба фурӯш баровapда шудаанд, чораҳои қатъӣ андешанд.

Ҳамчунин, андозсупорандагон вазифадор шуданд, ки ба кори барномаи автоматикунонӣ монеъ нашуда, рақамҳое, ки дар колонкаҳо мавҷуданд, беасос иваз накунанд ва аз колонкаҳое, ки дар онҳо барномаи автоматикӣ насб нашудааст, истифода набаранд. Дар ҳолати ошкор шудани ҳолатҳои мазкур нисбати андозсупоранда чораҳо андешида мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо вазифадоранд, ки таҷҳизоти аз тарафи ҶДММ «Фароз-пардохт» дар калонкаҳои НФС (плата) насбшударо дар холати хуби техникӣ нигоҳ доранд.

Муовини роҳбари ҶДММ «Фароз-пардохт» Ш. Қаландаров кайд кард, ки баҳри дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасонии электронии онҳо» аз 01.03.2018, таҳти №82, мақоми ваколатдори давлатӣ бо ҶДММ «Фароз-пардохт» созишнома ба имзо расонидааст, ки мутобиқи он ҶДММ «Фароз-пардохт» дар амал татбиқ намудани барномаи мазкурро ба уҳда дорад. Ӯ гуфт, ки аз рӯи маълумот баъзе аз НФС-ҳо дар ҳолати «офлайн» қарор доранд ва маълумот ба махзани Кумитаи андоз пешниҳод намешавад. Сабаби дигараш ин пешниҳод нагаштани маълумот аз ҷониби оператор-хазинадор НФС аст, ки ё модем (modem)-ро насб наменамояд ё ин ки анҷоми басти рӯзро (гашени) қайд намекунад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар фаъолияти баъзе аз андозсупорандагон муайян намуд, ки онҳо ба ғайр аз барномаҳои ҶДММ “Фароз-пардохт” иловатан барномаҳои худро сохта, дар НФС ҷорӣ намудаанд, ки он дар маҷмӯъ, барои пинҳон намудани даромади аслӣ нигаронида шудааст. Гуфта шуд, ки дар холати ошкор гардидани чунин камбудиҳо ба мақомоти андоз ва ҳифзи ҳуқуқ мавод пешниҳод намоянд. Дар баробари ин, таъкид гардид, ки дар ҳолати пайдо гардидани нофаҳмиҳо андозсупорандагон метавонанд, ба рақами содакардашудаи ҶДММ “Фароз-пардохт” - 344-610-04-04 муроҷиат намоянд.

Бахтиёр Султон кайд намуд, ки Кумитаи андоз ҳамчун мақоми ваколатдор, уҳдадор аст, ки дуруст ҳисоб кардан ва пурраю сари вақт ба буҷет пардохт шудани андозҳоро назорат карда, ҳолати риояи қонунгузории андозро дар фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷумла субъектҳое, ки ба воридот ва фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, таъмин намояд.

Вобаста ба ин, аз ҳар як субъект даъват ба амал оварда шуд, ки бо истифода аз шароиту имкониятҳое, ки Кумитаи андоз фароҳам овардааст, эъломияҳои андозии худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Бахтиёр Султон зикр намуд, ки Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии он омодаанд, ки ҳама вақт бо андозсупорандагон оид ба талаботи қонунгузории андоз вохӯриҳо гузаронанд. Ҳамчунин, хотиррасон гардид, ки андозсупорандагон бо саволу дархостҳои худ метавонанд ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз бо рақами 151 ва Бахши иттилоотии Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо рақами 909 ва ё ба сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи www andoz.tj муроҷиат намоянд.

Дар охир андозсупорандагон ба суолҳои худ оид ба насбу истифодаи ин намуди таҷҳизот, роҳу усулҳои истифодаи он ва дигар масъалаҳои вобаста ба андоз посухҳои мушаххас гирифтанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Бывший премьер Малайзии заподозрен в неуплате $367 млн налогов

Ранее налоговики направили ему письмо с требованием отчитаться о дополнительных доходах

Бывшего премьер-министра Малайзии Наджиба Разака заподозрили в уклонении от уплаты налогов в размере 1,5 млрд ринггит ($367,9 млн). На минувшей неделе налоговики направили ему письмо с требованием незамедлительно отчитаться о дополнительных доходах за период с 2011 по 2017 гг., пишет ТАСС.

Он оплатил часть налогов за этот период на основе доходов, которые открыты для общественности. Но по сведениям налоговых инспекторы, Разак не задекларировал 4 млрд ринггит (почти $1 млрд), в частности «финансовую помощь», которая предоставляла ему королевская семья Саудовской Аравии.

**Источник: http://taxpravo.ru**

Солҳои 2019 - 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

# Сайёҳӣ - василаи баланд бардоштани эҳсоси худшиносӣ

**Бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳти сарпарастии Федератсияи футболи Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати сайёҳии «Ориент Адвентур» лоиҳаи муштараки Кумитаи рушди сайёҳӣ ва телевизиони «Баҳористон» ҷиҳати оммавӣ гардонидани саёҳати дохилӣ ва ба ин васила баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ миёни кӯдакону наврасон оғоз гардид.**

Тавре ба АМИТ «Ховар» аз Кумитаи рушди сайёҳӣ хабар доданд, дар доираи чорабиниҳои ин лоиҳаи муштарак саёҳати нахустини як гурӯҳ муҳассилини мактаби таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба шаҳри Ҳисор сурат гирифт.

Иштирокдорони саёҳат аз ин мавзеи таърихии кишвар дидан намуда, аз сатҳи хизматрасонии роҳбаладон дар ин минтақа баҳравар гардида, таассуроти нек бардоштанд.

Саёҳати кӯдакону наврасон тавассути барномаи алоҳидаи телевизионӣ аз ҷониби шабакаи телевизионии «Баҳористон» сабт ва намоиш дода мешавад.

Минбаъд тибқи лоиҳаи муштарак саёҳати гурӯҳи наврасону кӯдакон ба минтақаҳои гуногуни сайёҳии Ватани маҳбубамон ташкил ва роҳандозӣ мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки дар раванди рушди сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 3000 ёдгориҳои таърихию фарҳангии бақайдгирифташуда, захираҳои бузурги экологӣ ва табиати назаррабои диёри офтобрӯямон мусоидат менамоянд.

Афзалияти дигари рушди сайёҳии дохилӣ ва ҷалби оммаи васеи мардум ба беҳтар гардонидани сифати зиндагии мардум аҳамияти калон дорад.

Мавқеи ҷуғрофии шаҳри Ҳисор, фазои мусоиди экологӣ ва иншооти соҳа, аз қабили мамнӯъгоҳи «Қалъаи Ҳисор», осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ» ва «Сатурн», мамнӯъгоҳи таърихию мадании Ҳисор барои рушди сайёҳӣ иқтидорӣ воқеӣ дорад.

Ҳисор яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Миёна ба шумор рафта, аз қадимулайём бо обу ҳавои латифу мусоид, кӯҳҳои пурфайз, дарёҳои сероб, заминҳои зархез ва дорои ёдгориҳои ҳама давр диққати сайёҳонро ба худ ҷалб менамуд.

«Ҳисор» дар луғатҳои тафсирӣ ба маъниҳои иҳоташуда, қалъа, ҷои мустаҳкам, девори даври қалъа омадааст. Мафҳуми зеринро гирифтани ин водии зархез дар қалби қаторкӯҳҳо доман паҳн кардани он ва вуҷуд доштани қалъаи мустаҳкам собит месозад. То асри XV ин диёри зархезро, ки қаламрави салтанатҳои гуногун буд, бештар бо номҳои «Шумон» ё «Шомон» ном мебурданд.

Ҳисор дар ҳама даврҳои таърих, аз давраи қадим то давраи асрҳои миёна ҳамчун шаҳри тараққикарда, маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, савдоӣ ва мадании водии Ҳисор ба шумор мерафт.

Ҳоло имкониятҳои сайёҳии шаҳр дар маводи тарғиботӣ-ташвиқотии соҳаи сайёҳӣ, ки аз тарафи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида мешаванд, мунтазам инъикос шуда, ширкатҳои сайёҳии кишвар низ ҷиҳати ҷалби сайёҳон дохилию хориҷӣ тавассути пешкаш намудани хатсайрҳои нав ба шаҳри Ҳисор тариқи шаҳри Душанбе тадбирҳои судманд андешидаанд.

Мавриди зикр аст, ки мавзеи таърихии Қалъаи Ҳисор ба қатори даҳгонаи мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии кишвар дохил мешавад, ки ба инҷо сайёҳон бештар ташриф меоранд.

Дар соли 2018 аз мавзеи таърихии Қалъаи Ҳисор 38374 меҳмонону сайёҳон дидан намуданд, ки аз ин шумора 7983 нафарашон сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Дар муқоиса ба соли 2017 сайёҳони хориҷӣ 4375 нафар, сайёҳони дохилӣ 7090 нафар ва дар маҷмӯъ, 11465 нафар сайёҳ зиёд ташриф овардаанд.

# Кам шудани бақияи қарзи андоз

**Аз ҷониби мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян кардани ҳолатҳои дурустии маблағҳои изофапулиҳо ва бақияи қарзи андозҳо ва кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор дар ноҳияи Восеъ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд.**



Дар асоси маълумоти аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда дар натиҷаи тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон ва таҳлили ҳисоботи андозии субъектҳои хоҷагидор муайян шуд, ки сабаби пайдо шудани изофапулӣ, асосан, аз ҳисоби пешниҳод накардан ва сари вақт ба махзани маълумот ворид накардани ҳисоботи андозӣ мебошад.

Масалан, муассисаи давлатии “Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36” ба санаи 22 феврали 2019 аз ҳисоби андози даромад ва андози иҷтимоӣ дар ҳисобварақаи андозсупоранда, дар маҷмӯъ, ба маблағи 146,7 ҳазор сомонӣ изофапулии андозҳо мавҷуд мебошад. Дар натиҷаи таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз муайян шуд, ки бино бар пешниҳод накардани эъломияҳои андоз дар давраи соли 2016 ва моҳҳои август - декабри соли 2018 изофапулии андозҳо ба вуҷуд омадааст.

Ба ҳамин монанд, муассисаҳои давлатии “Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №61” 31,7 ҳазор сомонӣ, “Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №62” 11,9 ҳазор сомонӣ, “Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16” 16,7 ҳазор сомонӣ, “Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №43” 13,6 ҳазор сомонӣ, Филиали ҶСК “Агроинвестбонк” 30,4 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, изофапулиҳои субъектҳои мазкур 264,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, аз ҳисоби сари вақт дохил накардани маълумот ба ҳисобварақаҳо боиси ба миён омадани изофапулиҳои беасос гардидааст.

Гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ бо 153 адад андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб доданд, ки аз ин ҳисоб бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 295,0 ҳазор сомонӣ ва изофапулии андозҳо дар ҳаҷми 162,9 ҳазор сомонӣ кам шуд. Ғайр аз ин, шумораи қарздорони хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, ки бақияи қарзи андозҳои онҳо то 200 сомониро ташкил медод, аз ҳисоби 235 субъект ба маблағи 25,5 ҳазор сомонӣ кам карда шуд.

Ба иттилои манбаъ, бо мақсади иҷрои талаботи бандҳои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар ҳудуди ноҳияи Восеъ бо мақсади пешгирии ҳолатҳои ба соҳибкории ғайриқонунӣ машғул шудан ва бартараф намудани қонуншиканиҳои андоз фаъолияти 120 адад субъекти хоҷагидор таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудааст.

Дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз тарафи Гурӯҳи корӣ нисбати 35 нафар барои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидан, дар асоси моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 106,2 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Инчунин, дар рафти санҷиши амалиётӣ 17 нафар андозсупоранда, ки 38 нафар коргари кироярo бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда буданд, ошкор гардида, онҳо дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуданд. Ҳамзамон, аз ин ҳисоб ба маблағи 20,2 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ҳисоб шуда, эъломияҳои иловагии онҳо ба нозироти андоз пешниҳод ва маблағҳои ҳисобшуда ба буҷет пардохт гардид. Ғайр аз ин, нисбати 8 нафар андозсупоранда барои вайрон кардани тартиби истифодабарии мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодабарии МНХ дар асоси моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

Ҳамзамон, дар фаъолияти 16 нафар андозсупоранда барои мутобиқат накардани фаъолият бо патент тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012, таҳти №451 ба маблағи 9,2 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷети мамлакат ворид карда шуд. Нисбати 11 нафар андозсупоранда барои сари вақт пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вакт пардохт накардани андози иҷтимоӣ, инчунин, иҷро накардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз бо дастрасии моддаи 601 қисмҳои 1 ва 3, моддаи 600 қисми 1 ва моддаи 620 ба маблағи 79,9 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардид.

Ҳамчунин, нисбати 17 нафар андозсупоранда андозҳои иловагӣ ба маблағи 123,8 ҳазор сомонӣ ҳисоб шуд. Ёдовар мешавем, ки бо таъсири Гурӯҳи кории Кумитаи андоз 1 адад корхонаи ҳуқуқӣ, 44 андозсупорандаи тибқи патент фаъолияткунанда ва 39 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Ғайр аз ин, нисбати 69 адад андозсупоранда дар самти маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 1674,1 ҳазор сомонӣ 71 қарор қабул шуда, аз маблағи қарорҳои қабулшуда дар рафти фаъолият пардохти 451,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардида, дар ин самт аз ҷониби Гурӯҳи корӣ корҳои назоратӣ идома дорад.

Вобаста ба чунин вазъи кор кормандони Нозироти андози ноҳияи Восеъ зарур мешуморанд, ки дар баробари ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ низ диққати ҷиддӣ бидиҳанд. Зеро танҳо тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ метавон фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардошт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# СВЕДЕНИЯ

## для малого и среднего предпринимательства о специальных и льготных налоговых режимах (МСП)

**Налоговое законодательство Республики Таджикистан направленно на стимулирование развитие МСП. В соответствии с Разделом XVI Налогового кодекса Республики Таджикистан (НК РТ) установлены специальные налоговые режимы, в соответствии с которыми отдельные категории МП уплачивают в упрощенном порядке некоторые общегосударственные и местные налоги.**

*1. Режим налогообложения физических лиц, осуществляющих предпринимательскую деятельность на основе патента или свидетельства (глава 42 НК РТ).*

Физические лица–резиденты и нерезиденты, зарегистрированные в качестве индивидуальных предпринимателей на основании патента, применяют режиму налогообложения физических лиц, осуществляющих предпринимательскую деятельность на основе патента (далее – патентный режим), если одновременно исполняются следующие условия:

- документом, подтверждающим их государственную регистрацию в качестве индивидуального предпринимателя, является патент;

- сумма предусмотренных патентным режимом налогов уплачена предпринимателем предварительно (в авансовом порядке) за соответствующие полные налоговые периоды предпринимательской деятельности;

- деятельность осуществляется непосредственно самим физическим лицом с использованием имеющегося имущества, но без найма рабочей силы и без осуществления внешнеэкономической деятельности;

- за календарный год валовой доход индивидуального предпринимателя, применяющего патентный режим, не может превышать 100 тысяч сомони.

При применение патентного режима индивидуальный предприниматель освобождается от уплаты всех налогов (за исключением подоходного налога и социального налога, включаемых непосредственно в стоимость (цену патента), представления налоговой отчетности, применения контрольно-кассовых машин, если иное не установлено настоящим Кодексом.

Ставки налогов индивидуальных предпринимателей, функционирующих на основе патента, по отдельным видам деятельности с учетом региональной специфики в установлено постановлением Правительством Республики Таджикистан от 31.08.2012г, №451 «Об утверждении Правил налогообложения индивидуальных предпринимателей, функционирующих на основе патента или свидетельства». В соответствии настоящего постановления утвержден 49 видов индивидуальной предпринимательской деятельности которые осуществляются на основе патента и сумма патента.



Необходимо отметить, что деятельность по реализации дикорастущих лекарственных растений, кислого молока, компота, чая, семечек на улице, продаже журналов, газет, календарей и книг на улице, продаже ранее использованных товаров, выпасу скота, ремонту и чистке обуви вне стационарного помещения, услугам по оказанию уличного телефона, уходу за престарелыми, больными и детьми, вывозке товаров с помощью тележек на рынках и улицах, мойке машин на улицах и копке могил, не подлежит налогообложению и при ее осуществлении патент не требуется.

Кроме того в целях поддержки развития индивидуального предпринимательства в сфере туризма и национальных ремесла в соответствии с постановлением Правительства Республики Таджикистан от 13.02.2018г, №60, утвержден 106 видов деятельности по производству товаров народного потребления, на дому которые освобождены от всех видов налогов.

При нахождении индивидуального предпринимателя на стационарном лечении, либо его смерти или возникновения пожара по месту деятельности, во время пребывания в воинской службе, по приговору (решению) суда содержание в местах лишения свободы и (или) содержание в следственном изоляторе, нахождения в трудовой миграции индивидуального предпринимателя, приведшего к невозможности осуществления им предпринимательской деятельности, при наличии подтверждающих документов плата за патент за данный период не производится.

Валовой годовой доход физических лиц–резидентов и нерезидентов, зарегистрированных в качестве индивидуальных предпринимателей на основе свидетельства, от всех видов осуществляемой ими деятельности не может превышать один миллион сомони.

Предприниматели, функционирующие по свидетельству, в зависимости от вида деятельности и получаемого дохода, применяют в установленном порядке упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательства, упрощенный режим налогообложения для производителей сельскохозяйственной продукции (единый налог) и специальный режим налогообложения для субъектов игорного бизнеса.

*2. Упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательства (глава 43 НК РТ).*

Упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательствапредставляет собой специальный налоговый режим, в соответствии с которым субъектами малого предпринимательства налог на прибыль для юридических лиц или подоходный налог для индивидуальных предпринимателей уплачивается в упрощенном порядке.

Субъектами малого предпринимательства, валовой доход которых, исчисляемый по кассовому методу, за предшествующий календарный год (без учета акцизного налога и налога с продаж (алюминия первичного), не превысил один миллион сомони, используется налог по упрощенному режиму.

Налогоплательщиками признаются:

- лица, предпринимательская деятельность которых начата в текущем календарном году, независимо от факта официального оформления государственной регистрации этих лиц;

- лица, удовлетворяющие вышеуказанным условиям.

Налогоплательщик, уплачивающий налог по упрощенному режиму, освобождается от уплаты налога на прибыль, (за исключением доходов, налог с которых удерживается у источника выплаты), налога с пользователей автомобильных дорог, подоходного налога непосредственно с доходов индивидуального предпринимателя, функционирующего по свидетельству, налога на добавленную стоимость (за исключением налога на добавленную стоимость при ввозе товаров на таможенную территорию Республики Таджикистан и налога на добавленную стоимость нерезидента, взимаемого у источника выплаты).

Ставка налога по упрощенному режиму установлено для деятельности по производству товаров - 5 процентов и для иных видов деятельности – 6 процентов от валового дохода.

*3.Упрощенный режим налогообложения для производителей сельскохозяйственной продукции-единый налог (глава 44 НК РТ).*

Упрощенный режим налогообложения для сельскохозяйственных производителей (далее - единый налог) представляет собой специальный налоговый режим для субъектов предпринимательства, осуществляющих производство сельскохозяйственной продукции без последующей переработки. Единый налог применяется дехканскими (фермерскими) хозяйствами и другими производителями сельскохозяйственной продукции, для которых земля является основным средством предпринимательской деятельности.

Плательщиками единого налога признаются производители сельскохозяйственной продукции.

Объектом налогообложения и налоговой базой единого налога соответственно является земельный участок производителя сельскохозяйственной продукции и площадь выделенного (используемого) земельного участка.

Плательщик единого налога в части деятельности, облагаемой единым налогом, освобождается от уплаты налога на прибыль (налога по упрощенному режиму для субъектов малого бизнеса), налога на добавленную стоимость налога с пользователей автомобильных дорог и земельного налога. Кроме этого, от подоходного налога освобождаются доходы членов дехканского (фермерского) хозяйства, уплачивающего единый налог, от сельскохозяйственной деятельности, осуществляемой без создания юридического лица.

Ставки единого налога по кадастровым зонам с учетом горных регионов установлено Правительством Республики Таджикистан от 03.01.2014, №33 «О ставках земельного налога и единого налога для производителей сельскохозяйственной продукции».

*4. Специальный режим налогообложения для субъектов игорного бизнеса (глава 45 НК РТ).*

Специальный режим налогообложения для субъектов игорного бизнеса представляет собой специальный налоговый режим, который обязаны использовать субъекты игорного бизнеса, за исключением доходов субъектов игорного бизнеса, налогообложение которых осуществляется у источника выплаты.

Налогоплательщиками налога на игорный бизнес являются юридические лица, их филиалы, филиалы и представительства иностранных юридических лиц и индивидуальные предприниматели, осуществляющие предпринимательскую деятельность в сфере игорного бизнеса.

Объектом налогообложения для налога на игорный бизнес являются игровой стол, касса тотализатора, касса букмекерской конторы, игровой автомат без денежного выигрыша, игровая дорожка, бильярдный стол, организация лото, выпуск в продажу лотерейных билетов и иные объекты игорного бизнеса, определяемые местными органами государственной власти.

Для целей исчисления налоговой базы налога на игорный бизнес применяется доход, ожидаемый с каждой единицы объекта налогообложения. Сумма налога на игорный бизнес за налоговый период, независимо от размера полученного дохода в фиксированном размере с каждой единицы объекта налогообложения, по согласованию с уполномоченным государственным органом устанавливается местными органами государственной власти городов (районов).

**Собир ВАЗИРОВ**

# Чеҳраи эҳтимолии ифротгаро

Коршиносони Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи баррасии омӯзиш ва таҳлили сабабу омилҳои шомилшавии ҷавонон ба сафи ҳизбу ҳаракат ва равияҳои ифротии диниву сиёсӣ ҷиҳати муайян намудани омилҳои таҳрикдиҳандаи ин раванди номатлуб як идда маълумоти муфид барои натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ дастрас намуданд. Зимни суҳбатҳои инфиродӣ ва таҳлили рафтори ҷонибдорони андешаҳои ифротӣ ва тундрав чанд гурӯҳи онҳо муайян гардид ва дар асоси он чеҳраи (портрети) иҷтимоӣ ва равонии ифротгаро чунин пешниҳод мешавад:

а) Шахсоне, ки дорои сатҳи пасти саводи дунявӣ ва динӣ мебошанд ва илова бар ин, мушкилоти иқтисодӣ доранд, вале касбу кори муайян ва доимӣ ҳам надоранд. Онҳоро навкар ё мардикори муздур меноманд. Кадом кореро, ки ба онҳо фармоянд, барои гирифтани дастмузд иҷро мекунанд. Чунин афрод бештар дар муҳоҷирати корӣ қарор дошта, аз таъсири бади ғурбати рӯзгор андеша ва ҷаҳонбинии устувор ҳам надоранд. Ин тоифа ба осонӣ туъмаи осон барои таблиғгарон ва ҷаллобони (рекрутер) гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд.

б) Шахсоне, ки дар муҳити суннатии оилавӣ тарбия ёфтаанд ва ҷаҳонбинии онҳо, асосан, хусусияти динӣ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қисми афроде, ки солҳои 90-уми асри гузашта дар Афғонистон ҳамчун ҷонибдорони мухолифин муҳоҷир шуда буданд, имрӯз якҷоя бо хонаводаашон ҷонибдори гурӯҳу ҷараёнҳои ифротӣ шудаанд ва барои қабули идеологияи онҳо майлу хоҳиши тамом доранд ва дар фикру андешаи ҷустуҷӯи роҳҳои сафар ба хориҷ ва пайвастан ба ин гурӯҳҳои «дар роҳи Худо размандa» ҳастанд.

в) Як гурӯҳи афроди авбош ва ҷиноятпеша ҳанӯз дар ҳар ҷое вуҷуд доранд, ки зиндагиро танҳо аз тариқи зӯроварӣ ва гирифтани даромади муфт меписанданд. Баъд аз пурзӯр шудани назорат ва муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар ҷумҳурӣ онҳо дигар натавонистанд бо роҳи одаткардаи худ зиндагӣ кунанд ва барои идомаи фаъолияти ҷиноятӣ ва авбошии худ хунсардона ба ин гурӯҳҳо пайвастанд. Гуфтан мумкин аст, ки онҳо худозмоии дубораи худро маҳз дар майдони амалиётҳои ҷангӣ дар кишварҳои бегона ё ҳар ҷойи ноороми дигар ҷустуҷӯ мекунанд.

г) Гурӯҳи шахсоне низ ҳастанд, ки дар шароити нав бо мушкилиҳои гуногун дар зиндагӣ, ба мисли қарзҳои бонкӣ, амали коррупсионӣ дар муассисаву корхонаҳо ва дар кофтукови мақомоти ҳифзи ҳуқуқ будан мувоҷеҳ шудаанд. Онҳо аз тариқи пайвастан ба ҳизбу созмонҳои ифротӣ мехоҳанд нуқсону камбудиҳои худро рӯйпӯш кунанд ва аз фазои мушкилзои зиндагии худ дуртар фирор карда, худро қаҳрамон ва шахси ҷабрдида аз беадолатӣ нишон доданӣ мешаванд.

**Ф. БАРОТЗОДА,**
**директори Маркази исломшиносӣ**



**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ Хоҷагии деҳқонии «Зикрулло» (РМА 2230017726) воқеъ дар ноҳияи Данғара, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Араст» (РЯМ 70100000883) воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ПОМИР АСАЛ» (РЯМ 7010001818) воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Орифхон» (РЯМ 5910004320) воқеъ дар ноҳияи Спитамен, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Лутти Бобо» (РЯМ 3310000155) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Янгибеков Ҳаким» (РЯМ 3310002108) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Улеғбек Н» (РЯМ 3310006673) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Амон Д» (РЯМ 3310006343) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии «Ҳусейни Ҷумъазод» (РЯМ 3210002584) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Сунатулло М» (РЯМ 3310004711) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ ТҶ «Маркази мадад ба маъюбони шаҳри Истаравшан» (РМА 620006660) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ КИ ХД «Додобой» (РЯМ 6210004451) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Аброриддин» (РЯМ 3510006170) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шомахмедова Луъбат (РЯМ 0330157456) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маматқулова Махфиратхон (РЯМ 0331368510) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобокалонов Абдулҳай (РЯМ 0331248106) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Абдулазиз (РЯМ 0331292665) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мусоев Мирҷамол (РЯМ 0331329415) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Валиев Сафаралӣ (РЯМ 0331327352) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Орзуев Даврон (РЯМ 0331376806) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муҳиддинов Ҷамолиддин (РЯМ 1230038810) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Беҳзоди Бобозода (РЯМ 0430253221) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шабдолова Гулхоним (РЯМ 7030002275) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Шуҳрат» (РЯМ 1410000699) аз ноҳияи Файзобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Давлатов Саъдӣ (РЯМ 1830000744) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ошимова Парвина (РЯМ 1830066939) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Абдуалим (РЯМ 1930038367) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Файзуллоев Баҳром (РЯМ 1930027624) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Алиев Ҷамшед (РЯМ 4130026001) аз шаҳри Норак, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Самиев Суҳробҷон (РМА 636663917), аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳаитов Шукурҷон (РМА 5530228706), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Баҳром (РМА 6330227402), аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Латипов Ҳасан (РМА 3330033355), аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродова Ситорамоҳ (РМА 2830115054), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродов Убайдулло (РМА 2830115063), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эшмуҳаммадов Абдувоҳид (РМА 3830049044), аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмадшоев Мирзошо (РМА 3810024175), аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КИ «Истиқлол 2001» (РЯМ 2910003736) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муродов Нурали (РЯМ 2830055975) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Таваров Мирзо (РЯМ 2930071137) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мазориев Одина (РЯМ 3530011091) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бӯтаев Тоҳир (РЯМ 6230067305) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мукумов Шавкат (РЯМ 6230155957) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сидиқов Сами (РЯМ 6230045947) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ризоев Ӯктам (РЯМ 6230006805) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидов Мирҷамол (РЯМ 6230040465) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мухсинов Шерзод (РЯМ 6230038715) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Яхъёев Ҳасан (РЯМ 6230025313) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои зарурииро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти зарурииро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти зарурииро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 "Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо" Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ МУСТАҲКАМШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Вазифаҳои дар Панҷсолаи панҷум (1950 -- 1955) гузошташуда такомули бештари баъзе ҷиҳатҳои низоми молиявию буҷетиро тақозо мекард. Соли 1953 принсипи ситонидани андоз аз хоҷагии қишлоқ тағйир ёфт. Дар натиҷаи ин тағйирот воридот аз ин навъи андоз ба буҷет коҳиш ёфт. Ба ташкили ситонидани андоз аз гардиш аз анборҳои савдои яклухти саноатӣ (сабук ва хӯроквории) ба анборҳои вазоратҳои савдои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар масъулиятшиносӣ таъсир расонид.

Дар ин давра ҳуқуқҳои буҷетии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ вобаста ба тағйири тарзи банақшагирӣ ва маблағгузорӣ ба хоҷагиҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ хеле васеъ гардид. Даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1955 сар карда мувофиқи Қонун оид ба буҷети ИҶШС дар ҳаҷми умумӣ, бе тақсим кардан ба буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ, пешбинӣ мегардид. Тақсимоти оянҷаро худи ҷумҳурии иттифоқӣ мегузаронид. Ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳуқуқ дода шуда буд, ки аз маблағҳои иловагии дар тӯли соли буҷетӣ пайдогардида (даромадҳо) ба замми маблағи умумии ҷудогардида мустақилона истифода баранд. Инчунин, онҳо ҳуқуқ доштанд мувофиқи салоҳдиди худ маблағҳои даромади аз хароҷот зиёдатиро низ ба кор баранд.

Дар низому механизми буҷет дар давраи Панҷсолаи шашум (1955 -- 1960) тағйироти ҷиддӣ рӯй доданд. Дар робита бо пайдоиши Шӯроҳои хоҷагии халқ (Совнархоз) тартиби ғайримутамарказӣ (детсентрализатсия) ситонидани маблағҳо аз даромад ҷорӣ гардид. Ин чорабинӣ то андозаи назаррас сабаби афзоиши даромади буҷетҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, афзоиши вазни қиёсии буҷетҳои онҳо гардид: 1950 – 23,2 %; 1960 – 58,8 %. Дар айни замон, ин падида боиси маҳдуд шудани манбаъҳои даромади буҷети иттифоқӣ ва сабаби ба даромади буҷети иттифоқ додани 20 % фоидаи корхонаҳои тобеи шӯроҳои хоҷагии халқ, новобаста аз иҷрои нақшаи даромад гардид.

Соли 1957 пардохт барои патент ва андоз аз амалиёти ғайримолӣ бархам дода шуд. Соли 1958 тартиби андозбандии хоҷагиҳои дастаҷамъӣ тағйир ёфт (ба ҷойи чор андоз як ҳисоби ягона ҷорӣ гардид). Шартҳои пардохти андоз аз ҷониби муҷаррадон, шаҳрвандони танҳо ва оилаҳои хурди ИҶШС дақиқ карда шуд (аз андоз озод намудани оилаҳое, ки як фарзанд дошта бошанд). Оид ба шадидан кам кардани миқдори андозсупорандагон аз гардиш (соли 1948 – 123,3 ҳаз. нафар). Аксар муассисаҳои хӯроки умумӣ аз андозсупорӣ озод карда шуданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# ХУСУСИЯТИ ДАВОГИИ МУРЧ



Мурч кори узвҳои ҳозимаро беҳ месозад ва хусусан ҳангоми илтиҳоби меъда (гастрит)-и бо зиёдшавии туршӣ бавуҷудомада манфиатбахш буда, турширо ба меъёр мувофиқ мекунад, оруғро рафъ месозад. Ба ғайр аз ин хусусияти араҳоварӣ дошта, микробҳоро нобуд месозад, меъдаю рӯдаҳоро тоза менамояд. Ҳазми хӯрок суст гардида бошад, 3 грамм мурчи нокӯфтаро дар як истакон оби ҷӯшидагӣ 10 дақиқа дам хӯронед ва рӯзе 2-3 маротиба нӯшед. Ҳангоми гулӯдард, сулфаи тар ва бронхит 1 қошуқ мурчи кӯфтаро бо 1 истакон асали холис омехта, рӯзе 3-4 маротиба нӯшед, маризиҳои дилро низ бартараф мекунад. Хусусияти даъвогии мурч зиёд буда, вақти гирифтории радикулит, остеохондроз, дарди буғумҳо, илтиҳоби асаби рӯй (неврит) ва маризиҳои гуногуни пӯст, шукуфа, витилиго муфид аст. Барои муолиҷаи рехтани мӯй мурчи кӯфта ва намакро ба миқдори баробар лат зада, то ҳосил шудани пюре оби пиёз илова намоед. Пасон ба мӯй хуб молида, баъди 20 -30 дақиқа шӯед, натиҷаашро хоҳед дид.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Номи одаме, ки аз дасти ӯ нафаре ҳаргиз нон нахӯрдааст, баъд аз маргаш зикр намешавад

хххх

Инсон то ғамгин нагардад, ғамгинии дигаронро дарк намекунад.

хххх

Кӯдак ба осонӣ соҳиби ақли ҳамида намегардад, агар ахлоқи ҳамидаро набинад.

хххх

Инсонҳо ҳар қадаре дарки бештаре дошта бошанд, ранҷи бештаре мекашанд.

хххх

Шахсе, ки ризқро аз Худо медонад, вақти дороӣ хурсанд ва вақти фақр ғамгин намегардад.

хххх

Ҳазор талоши инсон ба андозаи як тақдир корсоз нест.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Ҷавони тарсуе назди ҳаким омаду хоҳиш кард, ки ба ӯ дарси ҷасорат омӯзад. Ҳаким гуфт:

- Нахуст, бояд як моҳ дар шаҳри калон зиндагӣ карданро биомӯзӣ. Дар он бо ҳар касе, ки рӯ ба рӯ шавӣ, бо овози баланд бигӯй: «Ман тарсончак ҳастам».

Ҷавон ғамгин шуд, зеро аз уҳдаи ин кор баромада наметавонист. Чанд рӯз азият кашид. Тарсе, ки дар қалбаш ҷой гирифта буд, ҳеҷ ӯро тарк намекард. Бо вуҷуди ин, ниҳоят ҷуръат карда, ба кӯча баромад...

Рӯзҳои аввал, вақте бо одамон вомехӯрд, ӯро ваҳм зер мекард, аз гап мемонд, аммо шарти устодро иҷро кардан даркор буд. Рӯз аз рӯз ҷуръаташ зиёд, овозаш баландтар ва тарс ҳамон қадар аз қалбаш дур шудан гирифт.

Як моҳ гузашт. Ҷавон ба назди ҳаким омад.

- Сипос ба шумо, устод, - гуфт ӯ. -Шартро ба ҷо овардам.

Ҳаким гуфт: «Тарсу ҷасорат одат ҳастанд. Вақте ба ҷое мерасӣ, ки одатҳои қолабиро бишканӣ. Бинобар ин, кӯшиш кун, то онро қисми зиндагии худ намоӣ».

## Муъҷизаи зери замин

Аз мавҷудияти ғори Сон Дунги Ветнам аҳолии таҳҷой ҳанӯз соли 1991 огоҳӣ ёфта буданд. Моҳи апрели соли 2009 гурӯҳи спелеологҳои бритониёӣ онро расман кашф карданд.

Сон Дунг ҳамчун калонтарин ғори олам эътироф шуда, дар музофоти Куангбинии Ветнам, дар боғи миллии Кебанг, воқеъ гардидааст. Ин ҷойро як ҷаҳон меноманд, зеро ғор дорои дарё ва бешазори анбӯҳ буда, бо табиати нодири хеш ҳамагонро мафтун кардааст.

Мувофиқи пажӯҳиши археологҳо, дар дохили ғор бинои 40 ошёна ҳам сохтан мумкин аст. Майдони калонтарини он 5 километр дарозӣ ва 200 метр паҳноӣ дошта, баландиаш ба 150 метр баробар мебошад.

## Сартароши 6-сола ҳамаро ба ҳайрат овард

**Тсян Хунтси, сокини 6 - солаи музофоти Сичуани Чин, ки аз хурдсолтарин сартарошони ҷаҳон буда, бо фармоиш метавонед аз хизматрасониаш истифода кунед. Ӯ сартароширо аз чорсолагӣ оғоз карда, машҳури олам шуд.**

Падару модараш ҳам сартарошанд. Тсян корро аз ёрмандӣ ба волидонаш шурӯъ намуд ва ғайриинтизор худ ба сартарошӣ пардохт. Падару модар аввал бовар намекарданд, аммо ба фарзанд имконият доданд, то машғул бошад. Писарак ҳавасманд шуд ва ҳоло ҳамаро ба ҳайрат оварда, бо ду қайчӣ мӯи сари ҳам занон ва ҳам мардонро оро медиҳад.

Ӯ дар назди коршиносон мӯйи сари худро дар 2 дақиқа оро дода, собит намуд, ки дастони кӯчакаш пасту баландӣ ва ноҳамвориҳои мӯйро бе дидан ҳам ҳис мекунанд.

## Истеҳсоли неруи барқ аз Wi-Fi

Донишмандони Институти технологии Массачусетс барои сохтани таҷҳизоте, ки Wi-Fi-ро чун манбаи қувва истифода кунад, бори аввал имтиҳон намуданд. Таҷҳизоте, ки қувваи ба мавҷҳои электромагнитӣ пайвастшударо ба ҷараёни электрикӣ табдил диҳад, онҳоро антеннаҳои мубодилавӣ ё ректенна меноманд. Олимони амрикоӣ чунин намуди таҷҳизотро намоиш доданд, ки метавонад бо ёрии антеннаи радиоӣ мавҷҳои электромагнитиро қабул намуда, онро чун ҷараёни электрикӣ истифода кунад. Аз ҷумла, таҷҳизот метавонад мавҷи Wi-Fi - ро қабул ва аз он қувваи барқ ҳосил намояд. Чунин антенна ба нимноқили ғафсиаш ҳамагӣ ба чанд атом баробар пайваст шуда, қувваи тағйирёбандаро ба мунтазам табдил медиҳад. Бо чунин тариқ, муҳандисон метавонанд таҷҳизот - гаджетҳои хурдеро созанд, ки ба онҳо батарея ё аккумулятор лозим намешавад. Зеро онҳо аз ҳаво неру мегиранд.

“Мо роҳи нави неругирии системаҳои мураккаби ояндаро коркард намудем - бо роҳи неругирӣ аз Wi-Fi, мо метавонем тамоми предметҳое, ки моро иҳота мекунанд «доно» созем», – мегӯяд Томас Паласион, яке аз муаллифони лоиҳа.

БОҶУ ХИРОҶ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 70 914